СОЗИШИ НАВИ ЯТИМОВ ВА ТОШИЕВ. ОЯНДА ЧӢ МЕШАВАД? с.3

ҲАМЛА БА ВАРЗИШГАР МЕҲРУБОН САНГИНОВ с.7

ПАТЕНТ ДАР ДУШАНБЕ, КОР ДАР МАСКАВ с.6

ТОҶИКИСТОН

30 сол бо шумо

№46 (1505)
16.11.22

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! ~

1992-2022

ХИЗМАТИ ҲАРБИ

ПАНҶ ПЕШНИҲОД БАРОИ РАФЪИ МУШКИЛОТ



ТУРКИСТОНИ БУЗУРГ

Ҳадафи сарони кишварҳои туркзабон чист? с.3

ҶАҲОЛАТ

Буридани дасту пой ва қатл дар мазҳари ом с.4

ТАҲҚИРИ НОМ

Муҳаммадро Муха гуфтан таҳқири номи пайғамбар нест? с.5

ФАРЗИНШОҲ ҲУСЕЙНОВ:

Пойи осебдида садди роҳи қаҳрамонӣ нашуд с.7

ИҶЛОСИЯИ XVI-УМ:

Иштибоҳе, ки бо дастоварди анҷомид с.8

ФОРУМИ ИҚТИСОДӢ

Густариши ҳамкории БМТ бо БМӮ с.11

ВАРЗИШ

Ҷадвали Ҷоми Ҷаҳонии Футбол - 2022 с.14

КАНЗИ ШИФО

3 усули халқии табобати диабети қанд с.13

ОТКРОЙТЕ СВОЙ БИЗНЕС В ИНТЕРНЕТ!

У Вас есть **товар** или **услуга**?
Неважно, какого размера Ваш бизнес!
Вы легко можете продвинуть его и рассказать о себе сотням тысяч потенциальных клиентов.

Звоните и узнайте **КАК**?
Матадор - Партнер Медиа-группы ОИЛА

Matador
ОИЛА

+992 711 22 7777 Сайт **matador.tj** Почта **info@matador.tj**

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Муҳаммадюсуф ИМОМЗОДА,
академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
президенти АИ Тоҷикистон, академик

Далер ҶУМЪА,
вазири энергетика ва захираҳои оби ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Ҷамшед САЪДУЛЛОЕВ,
профессор

Шералӣ РИЗОЁН,
сиёсатшинос

Абдулмаҷид УСМОНОВ,
журналист

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ, Фаронса

Ҳалима ХУШҚАДАМОВА,
профессор, чомеашинос

Амина ШАРОФИДДИНОВА,
узви Анҷумани "Пайванд", Ӯзбекистон

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/Р3 сабти ном шудааст.

Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» таалуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ РЕКЛАМА:
Ш. Душанбе, хиёбони И. Сомонӣ 3
44 601-35-95
director@tayron.tj

ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88
ads@rg.tj

ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО ВА ОБУНА
938-66-82-64, 221-41-11
furush@rg.tj

Озодии миллат

Сарчашмаи ҳастию озодии ин миллат,
Ҳам рушду ривоҷу ҳам ободии ин миллат.

Иҷлосия шуд роҳе бар қисмати оянда,
Хушбахт калону хурд аз шодии ин миллат.

Оварда ба мо нусрат, ҳам ваҳдату истиқлол,
Гул-гул шукуфон мулки аҷдодии ин миллат.

Чун поягузор омад бар вусъати оянда,
Эҳё шуда таърихи авлодии ин миллат.

Бас нақбу раҳу НОБ аст обод ба ҳар ҷониб,
Ҳам куҳу камар зебо, ҳам водии ин миллат.

Ин рӯз бишуд ҳамчун як санаи фархунда,
Афзуд адабу фарҳанг, эҷодии ин миллат.

Шуд машварат оғози сулҳу тарабу ваҳдат,
Арбоб бишуд Қасри бунёдии ин миллат.



Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Осорхонаи таърихии Қасри Арбоб

20 ЭСТАКАДАИ НАВ ДАР ДУШАНБЕ

Бинои Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Душанбе тахриб мешавад. Бино ба иттилои Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии Душанбе, ба ҷойи он эстакада бунёд хоҳад шуд.

Сохтмони бинои нави раёсат дар майдони "Бофанда"-и пойтахт оғоз шуда, давоми 2-3 сол давом мекунад.

Мақсад аз бунёди эстакада бартараф кардани ҷараёни тамбашавии мошинҳо ва баланд бардоштани иқтидори нақлиётии хатсайрҳо арзёбӣ мешавад.

Дар сурати бунёди эстакада ҳамаи иншооти наздик - биноҳои истиқоматӣ, Майдони "Ғалаба" ва "Танкаи ИС-2", ки 35 сол пеш дар арафаи Рӯзи ғалаба дар пойтахт ҳамчун муҷассамаи ёдгорӣ қомат афрохта буд, тахриб мешаванд.

Интизор аст, ки дар доираи татбиқи Нақшаи генералии пойтахт то соли 2030 дар Душанбе ҳудуди 20 эстакадаи нав бунёд карда мешавад.

МАНСАБИ НАВИ ДУХТАРИ ПРЕЗИДЕНТ

Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев духтараш Саида Мирзиёеваро роҳбари бахши иртиботот ва сиёсати иттилоотии Дастгоҳи иҷроияи президент таъйин кард.

Сохторе, ки онро духтари президент роҳбарӣ мекунад, ба омӯзиши афкори ҷамъиятӣ ва сиёсати иттилоотӣ равона шудааст. Мирзиёева ҳамчунин раванди амалишавии ислоҳотро дар бахши иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маориф назорат хоҳад кард.

Ёдовар мешавем, ки Саида Мирзиёева духтари калонии президенти Ӯзбекистон аст. Ӯ аз соли 2019 то 2022 муовини Агентии иттилоот ва иртибототи назди дастгоҳи президент буд.

ТАНТАНАИ ИДОНАИ ИҶЛОСИЯИ 16-УМ ДАР ҚАСРИ АРБОБ

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар тантанаҳои 30-солагии «Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Хуҷанд иштирок ва аз Қасри Арбоб дидан кард.

Имрӯз, 16-уми ноябр пас аз ба истифода додани Боғи фарҳангию фароғатӣ тантанаҳои бошукуҳи ҷашни 30-солагии Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қасри Арбоб идома ёфт. Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмонро дар саҳни ҳавлии Қасри овозадори Арбоб, ки дар таърихи Тоҷикистони навин мақоми хос дорад, фаъолон ва намояндагони касбу кори гуногун истиқбол гирифтанд.

Дар Қасри Арбоб Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон нахуст аз Осорхонаи таърихии ин бинои муҳташам, ки соли равон ба истиқболи 30-юмин солгарди Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маблағгузории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд пурра навсозӣ карда шуд, боздид ба амал оварда, бо тамошои аксу ҳуҷҷатҳои таърихӣ аз ҳар рӯзи иҷлосия ва лаҳзаҳои хотирнишини он ёдоварӣ намуд.

Нигораи "Ман ба шумо сулҳ меорам" ба қалами рассом Абдураҳим Ҷабборов тааллуқ дошта, расми Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди ба итмом расидани Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сӯи мардум бо қосидони сулҳ - кабӯтарон хеле моҳирона тасвир карда шудааст. Дар мусаввара гӯё фазои орому таскинбахш, осмони нилгуну мусаффо ҳамқадами Сарвари давлат гашта, барои сулҳу осоиштагии мардуми меҳнатқарини тоҷик мусоидатгар аст.

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

САРИ САБЗ



Юсуф АХМЕДОВ, варзишгар ва мураббии касбӣ

- Ман аз назди толори фитнес мегузаштам ва хостам як даромада бинам. Дарун даромадам ва дидам, ки Толеъ Холназаров он ҷо тамрин мекунад. Дарҳол ба ман ин варзиш писанд омад.

- Ҳар кас Толеъ Холназаров намешаваду... ба ҳар ҳол, дарк кардагистед, ки кореро тасодуфан оғоз кардан ҳам самара меовардааст...



Тамара КАТАЕВА, овозхони шинохтаи тоҷик

- Мо «Худсовет» (Шӯрои бадеӣ) доштем. Ҳар шоире, ки шеърашро ба мо меовард, ҳамроҳи бастакор меомад. Аз мо мепурсиданд, ки ин шеър маъқул аст ё не? Танҳо баъд иҷозат медоданд, ки онро иҷро кунем.

- Ҳоло чӣ? Бисёр шоироне, ки шеърашонро барои овозхонҳо мебаранд, ҳамроҳи "муҳосиб" ё миёнаравашон мераванд.



Сиявуш ҚОСИМ, роҳбари гуруҳи "Лабханди ҷавонӣ"

- Ба як чиз ҳайронам, ки барои чӣ моро ба ҳамоишҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ё консерту чорабиниҳои пойтахт даъват намекунанд? Ё барои иштирок дар ин гуна чорабиниҳо ягон қоидаи хос мавҷуд аст, ки ман бехабарам?

- Шояд аз бисёр чизҳо бехабар бошед. Шояд мушкил дар номи гуруҳатон бошад, чун, фикр мекунанд, ки ҷавонеду ҳоло вақт доред.

ТУРКИСТОНИ БУЗУРГ

ҳадаф аз нишасти саронӣ кишварҳои туркзабон дар Самарқанд чист?



Дар шаҳри Самарқанд, ки аксари аҳолии онро тоҷикон ташкил медиҳанд ва он ҳамчун гаҳвораи тамаддуни тоҷикӣ шинохта шудааст, нишасти саронӣ кишварҳои туркзабон баргузор гашт. Тоҷикистон бо пахши як изҳорот аз иштирок дар ин нишаст канорагирӣ кард.

ҲАМГИРОИИ ТУРКОН

Дар шаҳри Самарқанд 9-умин нишасти Созмони кишварҳои туркӣ баргузор шуд. Дар он президентҳои Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркия, Ӯзбекистон ва сарвазири Маҷористон (Венгрия), раиси парлумони Туркманистон ширкат карданд.

Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар оғози нишаст гуфт, ки созмон дар ҳамкориҳои кишварҳои туркзабон саҳифаи наверо боз кард.

Созмони кишварҳои туркӣ моҳи октябри соли 2009 ҳамчун Шӯрои ҳамкориҳои кишварҳои туркзабон (Шӯрои туркзабон) таъсис ёфта, Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркия аъзои он шуданд.

Ӯзбекистон соли 2018 эълон кард, ки тасмим дорад ба созмони мазкур аъзо шавад ва баъди як сол дар нишасти Боку ба узвияти он пазируфта шуд. Маҷористон ва Туркманистон мақоми нозирро доранд. Дар ҳамоиши Истамбул, ки 12-уми ноябри соли 2021 баргузор шуд, номи Шӯрои туркзабон ба Созмони давлатҳои туркзабон тағйир дода шуд.

Ҳоло Созмони кишварҳои туркзабон ба як иттиҳодияи ҷолибтар табдил ёфта истодааст ва 15 кишвар аллакай хоҳиши пайвастан ба ин созмонро ҳамчун узви комилҳуқуқ ё нозир изҳор кардаанд. Зимнан, Русия низ ба фаъолияти UTC бо таваҷҷуҳи зиёд назар мекунад.

Мутобиқи ҳуҷҷатҳои оиннамавӣ вазифаҳои асосии СКТ иборат аз фароҳам овардани шароити мусоид барои муносибатҳои тиҷоратии минтақавӣ ва сармоягузорӣ; тараққиёти ҳамаҷониба ва мутаносиби иқтисодиёт, иҷтимоӣ ва маданӣ; вусъат додани робитаҳо дар соҳаи илм, техника, маориф ва маданият мебошад.

Дар нишаст президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев таваҷҷуҳро ба зарурати афзоиши гардиши мутақобилаи мол миёни кишварҳои СКТ ҷалб кард. Президенти Озарбойҷон Илҳом Алиев хостааст, ки таъмини таҳсили туркзабонон дар кишварҳои туркӣ ҳамеша дар мадди назар қарор гирад.

Яке аз самтҳо ба пуррагӣ мавриди истифода қарор гирифтани алифбои ягонаи ортинӣ дар кишварҳои туркзабон буд. Бисёре аз аъзои ин созмон аллакай ба алифбои лотинӣ гузаштаанд. Аммо дар кишварҳое чун Қазоқистону Ӯзбекистон ин раванд то ҳол анҷом наёфтааст.

Мутаассифона, нишаст танҳо бо бастани паймона дар мавриди масоили иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ иктифо накард. Дар баробари таъсиси як маркази рақамигардонии муштараки кишварҳои туркзабон, таъсис додани маркази илмию таълимӣ барои туркзабонон, бунёди фонди инвеститсионӣ, масъалаи рушди саноати ҳарбии ин кишварҳо дар миён гузошта шуд, ки метавонад хатаре барои кишварҳое чун Тоҷикистон, Русия, Юнон, Кипр эҷод намояд.

УСМОНИИ ДУВВУМ

Таҳлилгари масоили Осиёи Марказӣ Брюс Паннир доир ба баргузории нишаст гуфт: “Ҷамъ омадани ҳама раҳбарони кишварҳои туркзабон ба ин маъност, ки созмон ба пеш ҳаракат мекунад. Албатта, ин марҳилаи аввал аст. Онҳо масъалаҳоеро ба монанди ташкили долонҳои тиҷоратӣ баррасӣ карданд. Он аз қаламрави Русия намегузарад. Ин муҳим аст. Мо низ медонем, ки Чин мехоҳад як долони тиҷоратиеро бисозад, ки аз Осиёи Марказӣ ва Қафқоз гузашта, ба Аврупо биравад. Яъне, дар ин масъала пуштибонии Чин ба даст меояд”.

Коршинос нақши Туркияро дар ин созмон муҳим шуморида, мегӯяд: “Эрдуғон бисёр мехоҳад, ки дар сиёсати ҷаҳонӣ нақши муҳим бозад. Ин ҳадаф ба орзуи ба як императории “Усмонии дуюм” табдил додани Туркия мувофиқ меояд. Барои ӯ ин чиз бисёр муфид аст. Ба дигар кишварҳои узв ҳам ин чиз лозим аст, чунки як шарики дигари пурқуввате хоҳад буд, ки дар баробари Чину Русия ва ҳатто Ғарб як мувозинатеро таъмин хоҳад кард. Туркия як кишвари каме осиёию каме ғарбист ва дида мешавад, ки дар сиёсати ҷаҳонӣ нақши муҳиме бозӣ мекунад”.

PRESSA.TJ

Имрӯз дар Осиёи Марказӣ ба ҷуз Тоҷикистон ҳама мехоҳанд дронҳои туркӣ бихаранд. Аз ин рӯ, бо боварӣ метавон гуфт, ки Туркия шонси табдил шудан ба як кишвари бонуфузро дар ҷаҳон дорад...

Брюс Паннир бо ишора ба вазъи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла гуфтааст: “Имрӯз ҳама мехоҳад паҳпод ё дронҳои Туркияро харад. Дар Осиёи Марказӣ низ ҳама, ба ҷуз Тоҷикистон, мехоҳанд дронҳои туркӣ бихаранд. Аз ин рӯ, бо боварӣ мегӯям, ки Туркия шонси табдил шудан ба як кишвари бонуфузро дар ҷаҳон дорад”.

ЭЪТИРОЗИ ДУШАНБЕ

Нишасти саронӣ Созмони кишварҳои туркзабон бе ёдоварии Тоҷикистон нагузашт. Марат Имонқулов, дабири Шӯрои амнияти Қирғизистон рӯзи 19-уми сентябр дар як нишасти хабарӣ иддао кард, ки дар даргириҳои марзӣ "эҳтимол ифротгароён аз Тоҷикистон" иштирок доштанд.

Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон рӯзи 20-уми сентябр дар баёния гуфт, ки "чунин изҳорот бар асоси сохтакорӣ ва таҳрифу далелҳои қалбакӣ, инчунин, ба иштибоҳ андохтани аҳли ҷомеаи ҳар ду кишвар нигаронида шудааст".

"Масъулияти оқибатҳои чунин изҳороти бардурӯғ... дар ин лаҳзаҳо метавонад вазъиятро барои халқҳои мо душвор гардонад",- омадааст дар баёния.

Айни замон вазорат изҳороти дабири кулли Созмони кишварҳои туркзабон Бағдод Амреевро маҳкум кардааст. Амреев рӯзи 16-уми сентябр дар изҳороте Тоҷикистонро ба ҳамла бо силоҳҳои вазнин ба аҳолии осоишта ва зербиноҳои ғайринизомӣ муттаҳам намуд.

Вазорат изҳороти Амреевро таассуфовар номида, гуфтааст, ки "ба талошҳои Тоҷикистону Қирғизистон барои ҳалли тамоми масъалаҳои дуҷониба танҳо бо василаҳои сиёсӣ ва дипломатӣ монеа ба вуҷуд меорад".

Дар чунин ҳол, дар мавриди бо бесарнишинҳои туркӣ дар вақти намоз ҳучум кардани ҷониби Қирғизистон ба Тоҷикистон, ки бар асари он қариб 30 нафар кушта ва беш аз 100 нафар ҷароҳат бардоштанд, хомӯшӣ ихтиёр шудааст.

Нишасти саронӣ Созмони кишварҳои туркзабон аз иттиҳодияи камтарини минтақавист, ки дар он Тоҷикистону Русия иштирок намекунанд. Вале Тоҷикистон бо ду кишвари узви Созмони кишварҳои туркзабон - Ӯзбекистону Қирғизистон марзи муштарак дорад.

О. СОҲИБЗОДА

СОЗИШИ ЯТИМОВ ВА ТОШИЕВ

Нақшаи оянда чист?

Санаи 14-уми ноябр дар шаҳри Душанбе таҳти роҳбарии Саймумин Ятимов, раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон ва Қамчибек Тошиев, муовини сарвазир - раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Қирғизистон ҷаласаи навбатӣ оид ба муайянкунӣ ва аломатгузории сарҳади давлатии ду кишвар баргузор гардид.

Гуфта мешавад, ки дар натиҷаи ҷаласаи навбатии муштараки ҳайатҳои ҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон протоколи дахлдор ба имзо расонида шудааст.

Ҷонибҳо ба мувофиқа омадаанд, ки ҷаласаи навбатии комиссияи мазкур дар ҳудуди Ҷумҳурии Қирғизистон доир карда мешавад.

Ёдовар мешавем, ки Тоҷикистон ва Қирғизистон дар масъалаи мушаххассозии хати сарҳад баҳсҳои шадид доранд ва баъзан ин баҳсҳо боиси сар задани муноқиша дар сарҳад низ мешаванд.

Охирин муноқишаи мусаллаҳона дар сарҳади ин ду кишвар 14-17-уми сентябри соли ҷорӣ рух дод, ки дар натиҷаи он аз ҷониби Тоҷикистон 41 тан ҷон бохта, 204 нафар мачруҳ шудаанд. Мақомоти Қирғизистон аз талафоти 63 нафар ва мачруҳ шудани даҳҳо тани дигар гузориш додаанд.

ТОҶИКИСТОН, ЭРОН, ӮЗБЕКИСТОН

густариши ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ

Ширкатҳои сайёҳии Тоҷикистон, Эрон ва Ӯзбекистон дар бораи ҳамкорӣ зиёда аз 50 санади нав ба имзо расониданд.

Бино ба иттилои Кумитаи рушди сайёҳии Тоҷикистон, ширкатҳои сайёҳии Тоҷикистон дар як ҳамоиши минтақавии рушди гардишгарӣ, ки бино ба гузоришҳо, ҳайатҳои Тоҷикистон, Эрон ва Ӯзбекистон ширкат доштаанд, дастовардҳои худро дар соҳаи сайёҳӣ ва бахшҳои марбут ба он ба намоиш гузоштаанд.

Ҳайати Эрон бо роҳбарии Муҳаммад Тағӣ Собирӣ - сафири Эрон дар Тоҷикистон омодагии Эронро барои густариши ҳамкориҳо бо Тоҷикистон дар заминаи тавсеаи бахшҳои мухталифи гардишгарӣ, аз ҷумла сайёҳии таърихию фарҳангӣ, экологӣ ва пизишкӣ эълон кардааст.

IRS МАСЪУЛИЯТШИНОС АСТ, АММО...



Мантиқан бо пардохти маблағи муайян истифода шудани роҳи Душанбе - Чаноқ ба хотири сарфа намудани маблағҳои Буҷети давлат ва минбаъд равона намудани он ба самтҳои дигар, аз ҷумла пардохти қарз амалӣ шудааст. Ба ибораи дигар, дар заминаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ин вазифа (нигоҳдории роҳ) ба зиммаи филиали ширкати саҳомии "Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардид.

Шоистаи зикр аст, ки фаъолияти асосии ширкат на дар плазаҳои толлингӣ (ҳамон тавре, ки баъзе "дӯстон" мепиндоранд), балки дар масири роҳи мошингард ба роҳ монда шудааст. Ҳамарӯза садҳо мутахассиси соҳибтаҷриба бо кумаки техникаи махсусгардонида ба тозакунии роҳ аз барф, коркарди он бо маводи зиддилағжиш, бартарафсозии тармаҳо, таъмири куллӣ ва ҷорӣ, соҳилмустаҳкамкунӣ, нигоҳдории 36 пул ва ғайра машғул буда, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то ҳаракати муназзаму бехатари нақлиёт таъмин бошад.

Як идда иддао доранд, ки "чун роҳи Душанбе - Чаноқ пулакӣ аст, бояд 24 соат кушода бошад". Фикре, ки ба он наметавон розӣ шуд. Бо назардошти андешаи мазкур, солҳои қаблӣ роҳбарияти филиали Ширкат кӯшиш ба харҷ медод, ки ҳатто дар рӯзҳои бениҳоят номусоид будани вазъи ҳаво, ҳарчанд ҳаёти ронандагону мусофирон зери хатар қарор дошт, ҳаракати нақлиёт қатъ нагардад. Табиист, ки барои кушода будани роҳ кормандони IRS ба маънои томаш ҷонфидоӣ мекунанд ва ба ҳалокат расидани 11 корманди филиали Ширкат ҳангоми иҷрои рисолат шаҳодати ин гуфта аст.

Таҷриба нишон дод, ки ҳарчанд ронандагон бо сарфи назар кардани тавсияи кормандони мо дар мавриди мавҷудияти хавф роҳро убур карданд, вале дар сурати рух додани ҳодисаи нохуш, аз ҷумла зери тарма мондан борони таҳқиру маломат ба сари кормандони IRS мерезад. Яъне, бетафовутиву худхоҳии баъзе ронандагон, ки муҷиби асосии ҳодисаи нохуш аст, умуман ёдоварӣ нашуда, аксарият нигаронӣ мекунанд, ки вақте хавф мавҷуд аст, чаро роҳро набастед?

Бинобар ин, се соли охир роҳбарияти филиали Ширкат тасмим гирифт, ки дар ҳолати ба вуҷуд омадани хавф, аз қабили тармафароӣ роҳро муваққатан мебанданд.

Таъкид менамоем, ки ин иқдом ба хотири таъмини бехатарии ронандагону мусофирон аст, зеро IRS, бо назардошти манфиатовар будан, ба ҳеҷ ваҷҳ ҳавасманди қатъ шудани ҳаракати автомобилҳо аз тариқи роҳи мавриди назар нест.

Бо итминон метавон гуфт, ки IRS масъулиятшинос аст, аммо бетафовутиву худхоҳии баъзе ронандагон то андозае ба фаъолияти он монеа эҷод мекунад. Далел меорем: Аксар маврид бинобар риоя накардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, аз ҷумла ба самти муқобили ҳаракат баромадан, беэҳтиромӣ ба дигар иштирокчиёни ҳаракат, бо воситаи нақлиёти ҳаракаташ дар ин мавсим қобили қабул набуда ба роҳ баромадан, таваҷҷуҳ зоҳир накардан ба тавсия ва таъкиди кормандони БДА ВКД ҶТ ва кормандони IRS боиси ба вуҷуд омадани тамбашавии автомобилҳо мегардад.

Хоса ба самти муқобили ҳаракат баромадани автомбилҳо бениҳоят зиёд ва омили асосии эҷод гардидани монеа ба ҳаракати дигар воситаҳои нақлиёт мебошад. Табиист, ки дар чунин ҳолат сафарбар намудани техникаҳои филиали Ширкат ба макони зарурӣ имконнопазир аст. Боиси нигаронӣ аст, ки баъзе шаҳрвандони аз асли масъала ноогоҳ IRS-ро гунаҳкор мекунанд, ки вазифаашро иҷро намекунад. Ҳол он ки, чунин нест.

Ҷоиз ба зикри алоҳида аст, ки дар сурати пуршиддат будани бориши барф бо мақсади эҷод накардани монеа ба ҳаракати дигар автомобилҳо, хоса нақлиёти сабукрав гузариши "Фура" ва автомобилҳои боркаши ядакдор маҳдуд карда мешавад.

Ёдовар шудан бамаврид аст, ки соли 2012-ум 551128 метри мураббаъ тарма бартараф шуда, ин нишондиҳанда соли 2013-ум 216444, 2015-ум 190564, 2016-ум 126204, 2017-ум 779730, 2018-ум 103606, 2019-ум 274030, 2020-ум 241374 ва соли гузашта 85042 метри мураббаъ мебошад. Бартарафсозии тармаҳо, дар маҷмуъ, ба 2816546 метри мураббаъ баробар аст.

Коркарди роҳ бо маводи зиддилағжиш мунтазам, аксар маврид шабона низ бояд амалӣ шавад. Бинобар ин, харочоти ин мавод низ сол то сол афзуда, дар ин муддат маводи зиддилағжиши харҷшуда зиёда аз 103466 метри кубиро ташкил медиҳад. Таъкид мекунем, ки IRS барои иҷрои вазифаи дар асоси шартномаи конссесионӣ бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммааш вогузорбуда пурра тавонманд аст. Месазад, ки аз пойгоҳи пуркуввати техникӣ ёдовар шавем, ки шумораи техникаву механизмҳои он ба 224 адад расидааст.

Кормандони филиали Ширкати саҳомии "Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мавсими зимистон омодагии ҷиддӣ дида, дар ин равand ҳолати техникаву механизм ва захираи маводи зиддилағжишу сӯзишворӣ авлавият аст. Илова бар ин, кормандон бо сарулибоси зимистона таъмин шуда, барои фаъолияти муназзами онҳо дар макони мустақаршуда дар ҳаҷми зарурӣ ангишт ва ҳезум дастрас шудааст.

Илова бар ин, дар масири роҳ 12 хонаи устои роҳ ташкил шудааст, ки дар онҳо барои кормандони филиали Ширкат тамоми шароит фароҳам аст. Муҳим он аст, ки дар хонаҳои устои роҳ имкони муваққатан ҷойгир намудани ронандагоне, ки воситаи нақлиёташон нукси техникӣ пайдо кардааст ва шаҳрвандон, дар навбати аввал занон ва кӯдакони хурдсол ҳангоми тӯл кашидани бартарафсозии тармаҳо мавҷуд мебошад. Хонаҳои зикршуда дар минтақаи Варзоб - километрҳои 33, 51, 62, 73, минтақаи Зарафшон - километрҳои 81, 103, 131, 160, минтақаи Суғд - километрҳои 181, 237, 289 ва 322 ҷойгир мебошанд.

БУРИДАНИ ДАСТУ ПОЙ ВА ҚАТЛ ДАР МАЗҲАРИ ОМ

Ба додрасҳои Афғонистон амр шудааст, ки ҳангоми мурофиа ва содир кардани ҳукмҳои худ ба қонунҳои шариати ислом такя кунанд: ба ҷиноятҳое мисли дуздӣ, ғоратгарӣ, зино, истеъмоли машрубот ва муртад гунаҳкорон бо буридани дасту пой ва сангсор кардани омма ҷазо дода мешаванд. Ин амрро Ҳайбатулло Охундзода, раҳбари Толибон* додааст.

Забеҳулло Муҷоҳид, сухангӯи "Толибон" бо тасдиқи ин хабар дар "Твиттер" навишт, ки ба додрасҳо дастур дода шудааст, ки аломатҳои нақзи қонунҳои муқаддаси исломиро дар ҷиноятҳо бодиққат муайян кунанд.

Охундзода амр додааст, ки додрасҳо метавонанд дуздон, одамрабоён ва фитнагаронро дар ҷойи сар задани ҷиноят ҳукм ва ҷазо диҳанд.

Ин амри тозаи Толибон нест, онҳо ба амалҳое бармегарданд, ки пас аз расидан ба қудрат дар солҳои 1996-2001 иҷро карда буданд.



БАДГӮЙӢ БА АРТИШИ РУСИЯ

Сабаби маҳрумӣ аз шаҳрвандӣ

Хабаргузории давлатии ТАСС рӯзи 13-уми ноябр навишт, ки бино ба ислоҳҳои нав, сокинонро барои бадгӯйӣ дар ҳаққи артиши Русия аз шаҳрвандии он кишвар маҳрум хоҳанд кард.

Ба гузориши ТАСС, Василий Пискарев, раиси як комиссияи Думаи давлатӣ гуфтааст, ки "тағйирот ба лоиҳаи қонуни президентӣ дар бораи шаҳрвандӣ пешниҳод шуд".

"Тибқи он, шахс метавонад барои даъват ба вайрон кардани тамомияти арзии кишвар ва кор бо созмонҳои ғайриҳукуматии номатлуб низ аз шаҳрвандии Федератсияи Русия маҳрум карда шавад",- афзудааст ӯ.

Мақомоти Русия сабаби тасмимро нагуфтанд, аммо онро пас аз ҷалби неруҳои иловагӣ ба артиш ва шикоят аз набудани ҷою ғизову силоҳи хубу кофӣ пазируфтаанд.

СИ ҶИНПИН БА ҶО БАЙДЕН РОҲ НИШОН ДОД

- Раисҷумҳури Чин Си Ҷинпин дар мулоқоташ ба президенти ИМА Ҷо Байден аз зарурати ҳамкорӣ бо ҳамаи кишварҳо гуфт,- хабар дод РИА "Новости".



Ба иттилои манбаъ, Ҷинпин ва Байден зимни ин мулоқот, ки дар ҳошияи ҳамоиши саронии бистгонаи бузург - G20 дар Бали баргузор шуд, муносиботи ду кишвар ва вазъи ҷаҳониро баррасӣ намудаанд.

Ҷинпин бо таъкиди зарурати ҳамкорӣ бо ҳамаи кишварҳо афзудааст, ки танҳо дар ин сурат метавон бо умеду эътимод суботи ҷаҳониро таҳким бахшид.

"Инсоният бо чолишҳои бесобиқа рӯ ба рӯ аст, ҷаҳон дар чорроҳа қарор дорад ва ба кучо рафтан лозим аст, ин саволест, ки на танҳо мо, балки тамоми кишварҳо сари он фикр мекунанд",- гуфт Ҷинпин.

Ба таъкиди ӯ, ҷаҳон интизор аст, ки Чин ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико муносибатҳои худро дуруст идора мекунанд.

ТАҲҚИРИ НОМ

Магар Муҳаммадро Муха, Абубакрро Абу, Усмонро Монӣ, Умарро Марик гуфтан таҳқири номи пайғамбар ва чорёр нест?

Чанде пеш дар як шабакаи иҷтимоӣ назарам ба навиштае афтод, ки он ҷо дар бораи «мӯд» будани кадом ном дар соли 2022 сухан мерафт. Муаллиф навиштааст, ки дар Тоҷикистону Ӯзбекистон дар соли гузашта мардум ба фарзандони хеш бештар номҳои исломӣ гузоштаанд. Аз қабили Муҳаммад, Абубакр, Умар, Оиша, Марям, Хадича ва ғайра…



БАЪЗЕҲО ГУЗАРОНИДАНД…

Баъзеҳо дар ин росто шарҳи худро навишта, гуфтаанд, ки ҳангоми шаҳодатномагирӣ масъулин номи гузоштаи онҳоро ба фарзандашон напазируфтаанд. Яъне «номи гузоштаи шумо дар китоби фарҳанги номҳо нест»-у бояд номи дигар ҷӯед...

Ҳамватанони азизи мо дар ин ҷо ҳам аз ҳуқуқҳои хеш дифоъ карда наметавонанд, зеро китоби ба қавли масъулин «ном»-ҳо тавсияномаест, ки ҳаргиз наметавонанд ба воситаи он моро маҷбур созанд чӣ номро барои ҷигарбанди худ интихоб кунем. Ин китоб ёрӣ ба он ашхосест, ки дар ёфтани ном душворӣ мекашанд ё номи зебо мечӯянд. Ман дар шумули ҳамон нафароне ҳастам, ки намехоҳам касе маҷбурам намояд, ки ба фарзанду набераат ин ном ё он номро мон! Аммо аз тарафи дигар бо масъулин ҳам ҳамфикр ҳастам, зеро баъзеҳо ба қавле «гузаронидаанд»...

МУХА, АБУ, МОНӢ ВА МАРИК КИСТАНД?

Бисёриҳо ба хотири Худотарсу бузург шудани ҷигарбанди хеш ба онҳо номи пайғамбарон, ба қавли маъмул номҳои исломӣ мемонанд. Ин ягон ҷойи бадӣ надорад, вале гап дар сари ҳақорати ин номҳо меравад...

Модареро мешиносам, ки чор писар дорад - Муҳаммад, Абубакр, Усмону Умар. Модари хушбахт, соҳиби чор шоҳписар, вале... Ин модар, ки худ хатмкардаи факултаи суханшиносии яке аз донишгоҳҳои бонуфузи пойтахт аст, номҳои писаронашро кӯтоҳ ва ба гуфти худаш бо навозиш мегирад: Муха, Абу, Монӣ ва Марик... Дар бораи Муха ва Абу шумо низ мушоҳида кардаед, хонандаҳои азиз, вале ман бори аввал аз забони ҳамин модари суханшинос шакли кӯтоҳшудаи номҳои Усмон ва Умарро шунидаам. Оё ин ҳақорат ва таҳқири ин пайғамбарони дини мубини ислом нест?! Шояд масъулин ба ҳамин хотир супориш додаанд, ки мондани номи авлиёву анбиё ва саиду хоҷаро манъ кунед? Ва ба ин супориш тарафдор набуда ҳам намешавад. Вақте ки номи бузургеро ба фарзандони хеш мегузоред, онро бешикаст ба забон ored ва ҳар дафъа таъкид кунед, ки сазовори номи баланди хеш бош! Акнун тасаввур кунед, ки чӣ гуна Муха чавонмарде мешавад бо фазилату салтанту шаҳомат ва ахлоқи ҳамидае, ки ҳазрати пайғамбарамон доштанд, ё аз Абу марде чун ҳазрати Абубакр тарбия меёбад?! Ба ҳамин хотир, пеш аз он, ки номеро барои фарзандатон интихоб мекунед, шиори «Аввал ҳафт бор чен карда, баъд бибур!»-ро ба хотир биёред...

НОМҲОИ «ХУДӢ» ВА «БЕГОНА»…

Аксарияти номҳои мо решаи арабӣ доранду кайҳо дигар барои мо бегона нестанд, вале танҳо баъди солҳои навади асри пор баъзе номҳои нав вориди фарҳанги номгузории тоҷикон шуданд. Номҳое, ки шахсан ман пештар нашунида будам, аз қабили Анас, Судайс, Сумая, Асмоа имрӯз хеле мӯд шудаанд. Аммо боз номҳои писаронае шунидаам, ки одамро ба ҳайрат меоранд... Ал-хаттаб, Ал-ямин, Амор. Ин номҳоро падару модари тоҷик ба писаронашон гузоштаанд. Шояд китоби фехристи номҳои тоҷикӣ барои ҳамингуна волидайн бошад?!

Ин дар бораи номҳои «бегона» буд, акнун мегузарем ба номҳои сирф тоҷикӣ...

Шояд коршиносони соҳа дар баробари пешниҳоди номҳои хушоҳангу зебо ба мардум фаҳмонанд, ки баъзе номҳои тоҷикиро услубан хато менависанд. Масалан мардуми мо ба номҳои зебои духтаронаи Мижгон, Гулноз, Шаҳноз, Марҷон, Парвин, Ҳилол ва ғайра пасванди “а” илова

PRESSA.TJ

Номҳои Анас, Судайс, Сумая, Асмоа имрӯз хеле мӯд шудаанд. Аммо боз номҳои писаронае шунидаам, ки одамро ба ҳайрат меоранд: Ал-хаттаб, Ал-ямин, Амор. Ин номҳоро падару модари тоҷик ба писаронашон гузоштаанд.

мекунанд, ки хатост... Шояд ба назари баъзеҳо ин майдагапӣ тобад, вале чун ба як масъала дахл мекунем, бояд онро бо чанд паҳлуяш таҳлил кунем. Ростӣ, китоби фарҳанги номҳоро нахондаам, вале бояд дар он таъкид карда шавад, ки ном дар баробари хушоҳанг будан бояд дорои маънии баланд бошаду услубан бехато навишта шавад.

ГУРГАКУ САНЧИЛУ ПОРГӢ…

Хонумеро бо исми Садбарг мешинохтам. Мо бо ӯ чанд сол ҳамкор будему муносибатҳои хуб доштем. Боре назарам ба шиносномааш афтод, дар бари насабаш Санчил навишта шуда буд. Ман ба ӯ гуфтам, ки чаро номат дар ҳуҷҷатҳоят нодуруст қайд шудааст, ӯ дар ҷавоб хандиду гуфт: “Фарзандони модарам пеш намерафтаанд, баъди таваллуд ҳамагӣ се ё чор моҳ умр дида, мефавтидаанд. Бо тавсияи як мулло модарам номи маро Санчил, яъне сангреза гузоштаасту номи додарамро бошад, Гургалӣ. Ту инро афсона напиндор, аз ёздаҳ нафар фарзанди волидайн танҳо мо зинда мондем. Номи додарам ҳамонгуна Гургалӣ монду ман бошам, баъди дохил шудан ба донишгоҳ Садбарг шудам, зеро аз номам шарм медоштам... Ҳоло номи мондаи волидайнам танҳо дар ҳуҷҷатҳо мондааст, баъзан мехоҳам ҳуҷҷатҳоямро иваз кунам, вале умр гузашт, ба қарибӣ ба нафақа мебароям... Аммо дар зодгоҳам маро то ҳол Санчил мегӯянд, як умр аз номам шарм дошта омадам, вале модари пирам ақида дорад, ки маҳз ҳамин ном маро аз марг наҷот додааст ва ношукрӣ накунам”.

Хонуми дигарро модар ба хотири аз чашми ачал пинҳон доштан Поргӣ, яъне дарбеҳ ном кардааст. Аммо ин бону ба хотири оянда шарм надоштани фарзандону наберагонаш ҳуҷҷатҳояшро аз нав карда, номашро ба Баргӣ иваз намудааст. Шахсан худам бонувонеро бо номҳои Майна, Зоғак, Товус, Сангчагул мешиносам...

Аввалин вазифаи волидайн дар пеши фарзанд - ин гузоштани номи хушоҳангу бомаънӣ мебошад. Пас биёед ин вазифаи ҷонӣ ва нахустини худро тарзе ба анҷом расонем, ки оянда ҷигарбанди моро дар банди хиҷолат нагузорад...

Лолаи САИДАКБАР,
рӯзноманигор

ПИСАРИ РАИСИ НОҲИЯ АЗ КОРД ҶАРОҲАТ ГИРИФТ

Аз рӯи далели аз корд ҷароҳат бардоштани сардори толори VIP-и Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Зафарҷон Самӣ парвандаи ҷиноятӣ боз шудааст.

Бино ба иттилои Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон парванда аз рӯи моддаи “авбошӣ” оғоз гардидааст. Гуфта мешавад, ки Зафарҷон Самӣ шоми рӯзи 11-уми ноябр ҳангоми ҷанҷолу занозанӣ дар назди яке аз тарабхонаҳои пойтахт дар маҳаллаи 112-ум аз зарби корд захм гирифтааст. Аммо то ҳол мақомот дар бораи сабаби муноқиша, аз ҷониби кӣ оғоз гардидани ҷанҷол иттилоъ надодаанд.

“Мақомоти тафтишот шахсияти афроди дар ҷанҷол дастдоштаро муайян карда, айни замон ҷиҳати боздошти онҳо чора андешида мешавад”,- иттилоъ доданд аз маркази матбуоти ВКД.

Зафарҷон Самӣ писари раиси ноҳияи Исмоили Сомонӣ Шариф Самӣ мебошад.

РОҲБАРИ НАВИ ДОНИШКАДАИ ҲИМОМ. КАБИР ҶЎРАЗОДА КИСТ?

Кабир Ҷӯразода директори нави Донишкадаи ҳамкории иқтисодии минтақавии Осиёи Марказӣ таъйин гардид.

Ҷӯразода таҷрибаи зиёда аз 25-солаи кор дар соҳаи хизмати давлатӣ ва идоракунии молияи давлатӣ, ҳамкории иқтисодӣ ва ҳамгироии минтақавӣ, сиёсати иҷтимоии давлатӣ, банақшагирии стратегӣ, мониторинг ва арзёбӣ дорад. Ӯ дар таҳияи санадҳои барномавӣ, хулосаҳои таҳлилӣ ва ҳисобот таҷриба дорад.

Донишкадаи ҲИМОМ (Central Asia Regional Economic Cooperation, CAREC) ташкилоти байниҳукуматиест, ки ба пешбурди ҳамкории иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ ва Роҳи Абрешим тавассути илм ва омӯзиш бахшида шудааст. Қароргоҳи донишкада дар Урумчӣ ҷойгир аст. Донишкадаи ҲИМОМ аз ҷониби ёздаҳ кишвари узви он - Афғонистон, Озарбойҷон, Чин, Гурҷистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Муғулистон, Покистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон истифода ва идора карда мешавад.



ХИЗМАТИ ҲАРБӢ

Панҷ пешниҳод барои рафъи мушкилот

Ҳамасола дар арафаи даъвати наваскарон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ дар кишвар як масъала доғ мешавад: саркашӣ кардани ҷавонон аз хизмат. Гӯё ин мушкил ҳалнашаванда бошад…

МУШКИЛИ КУҲНА

Айни замон дар ноҳияҳо, тамоми ташкилоту муассисаҳо, директорони мактабҳо дар назди раис даъват мешаванд, ки дар он як масъала баррасӣ мешавад: Даъват ба Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар!

Аксари фарзандони мардум дар давраи даъвати тирамоҳию баҳорӣ ба муҳоҷират мераванд ё дар хонаҳояшон пинҳон мешаванд, ки ин нигаронкунанда аст. Ё бисёре аз падару модарон ба фарзандонашон билети ҳарбии қалбакӣ ё ҳуҷҷати корношоямӣ мегиранд ва ба ин васила мехоҳанд фарзандашонро аз хизмат озод кунанд.

Ҳамин аст, ки тайи чанд сол охир дар кишвар “облава” авҷ мегирад. Ҳатто хабарҳоеро ҳам мехонем, ки дар бархе аз шаҳру ноҳияҳо падару модароне, ки фарзандонашон дар муҳоҷиратанд, ба ҳабс ҳам гирифта мешаванд ё мавриди фишор қарор мегиранд. Ин тартибот боиси норозигии шаҳрвандон мегардад.

Банда бар он ақида ҳастам, ки хизмати ҳарбӣ дар асоси талаботи қонун сурат бигирад. Яъне, шаҳрвандон масъулияти ҳарбии худро содиқона ба ҷо биёранд ва мақомот низ барои ҷалби наваскарон аз усули “облава” истифода накунанд.

ПУЛ РОҲИ ҲАЛ НЕСТ…

Дар Тоҷикистон мувофиқи муқаррароти қонун нафароне, ки хизмат кардан намехоҳанд, ба хизмати алтернативӣ ҷалб карда мешаванд, яъне пул пардохт карда, аз хизмати ҳарбӣ озод мешаванд. Вале ин роҳи ҳал нест. Зеро боз ҳамон фарзандони вазифадорону пулдорон аз хизмат озод шуда, соҳиби вазифа мегарданд. Вале бачаи камбағал чунин имконият надорад.

Мушкили дигари ин соҳа набудани тарғибот аст. Чаро дар замони шӯравӣ ҷавонон хизмати ҳарбиро орзу мекарданд ва ба худ шараф медонистанд. Ҳоло бошад, аз ҳимояи марзу буми ватан сарпечӣ мекунанд. Айб аст! Айб аст, ки як ҷавон аз хизмат гурезад! Бинобар ин, барои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии ҷавонон бояд талош кард. Ин вазифаи ниҳодҳои идеологӣ аст.

ЧӢ БОЯД КАРД?

Банда барои рафъи ин мушкилӣ чанд пешниҳод дорам. Аз ҷумла:

1. Ҷавононе солиме, ки хизмати ҳарбиро адо накардаанд, ба онҳо иҷозати издивоҷ, яъне хонадоршавиро надиҳанд.

2. Ба нафароне, ки хизмати ҳарбиро адо накардаанд, вазифаи давлатӣ дода нашавад.

3. Ба ҷавононе, ки хизмати ҳарбиро адо накардаанд, иҷозати сафар ба муҳоҷирати меҳнатӣ дода нашвад.

4. Хизмати ҳарбӣ яксола карда шавад. (Дар давлати ҳамсояи Ӯзбекистон хизмат яксола буда, барои хизмат кардан ҷавонон дар навбат меистанд).

5. Ба мисли давраи шӯравӣ, комиссияи ҳарбии тиббӣ фақат дар пойтахт амал кунад. (Ин метавонад барои гирифтани пеши роҳи ба воситаи фиребу найранг ба даст овардани ҳуҷҷати тиббии корношоямӣ мусоидат кунад).

Бовар дорам, ки пешниҳодоти банда барои рафъи мушкилот мусоидат мекунанд.

И. САФАРАЛИЕВ,
собиқадори меҳнат

ДУШАНБЕ НАҚШАРО ИҶРО КАРД

Шаҳру навоҳии дигар чӣ?

Шаҳри Душанбе дар пайи Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон дуюмин минтақаи Тоҷикистон шуд, ки аз иҷрои пурраи нақшаи даъват гузориш дод.

Нақшаи даъвати тирамоҳии шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ дар шаҳри Душанбе 100% иҷро гардид. Дар ин бора шаҳрдории Душанбе иттилоъ дода, афзуд, ки комиссариатҳои ҳарбии 4 ноҳияи пойтахт нақшаро пеш аз муҳлат иҷро намудаанд. Даъвати тирамоҳӣ аз 1-уми октябр дар Тоҷикистон оғоз шуда, то охири ноябр дар назар аст.

Гузориш аз иҷрои нақшаи даъват дар пойтахт дар ҳолест, ки Вазорати мудофиа ба ҳолати 14-уми ноябр иҷрои нақшаро дар ҷумҳурӣ 84% гуфта буд.

Мақомоти дифоии Тоҷикистон мегӯянд, ки феълан зиёда аз 30 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ нақшаи даъват ба хизмати ҳарбиро иҷро кардаанд.

Дар вилояти Хатлон гусели ҷавонписарон ба хизмати ҳатмии ҳарбӣ идома дошта, то ҳол ҳудуди 81%-и нақша иҷро гардидааст. Ин нишондод дар вилояти Суғд 72% ва дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 94%-ро ташкил медиҳад.

Вазорати мудофиа мегӯяд, ки барои даъвату гусели шаҳрвандони ҷинси марди аз 18 то 27-сола ба хизмати ҳарбӣ ду моҳ пешбинӣ гардида бошад ҳам, бисёре аз шаҳру навоҳии мамлакат нақшаро пеш аз муҳлат иҷро мекунанд.

ПАТЕНТ ДАР ДУШАНБЕ, КОР ДАР МАСКАВ

Аз ин ба баъд шаҳрвандони Тоҷикистон, ки барои кор ба Маскав рафтан мехоҳанд, пешакӣ дар Душанбе барои гирифтани патент ариза дода метавонанд. Дар ин бора Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон хабар медиҳад.

Дар Душанбе Маркази муҳоҷирати Маскав ифтитоҳ шуд, ки аризаи муҳоҷиронро барои гирифтани патент қабул мекунад.

“Як қисми ҳуҷҷатҳо дар Тоҷикистон омода шуда, пас аз ин ба муҳоҷир танҳо лозим меояд, ки ҳозир шуда, барои амалисозии фаъолияти муваққатии корӣ патент гирад”,- шарҳ доданд дар вазорат.

будубош ва кор дар Русия машварат дода мешавад.

“Тариқи марказ тоҷикистониён пешакӣ аз ҷойҳои корияи холӣ дар ҳамаи ташкилоту корхонаҳои шаҳр ва вилояти Маскав сарфи назар аз шакли моликияташон огоҳ карда мешаванд. Мутаносибан ба корфармоҳо низ дар бораи мутахассисони Тоҷикистон маълумот дода мешавад. Номзадҳо ба ҷойҳои корӣ бояд анкета (маълумотнома) пур кунанд”,- гуфтанд дар вазорат.

Дар марказ инчунин метавон ба қабул дар Маркази муҳоҷирати Маскав номнавис шуда, дар харидани билет низ кумак дастрас намуд.

Марказ дар суроғаи кӯчаи Садриддин Айнӣ, дар ноҳияи



Шоҳмансури пойтахт воқеъ аст.

Маросими ифтитоҳи марказ рӯзи 9-уми ноябр бо иштироки муовини вазири меҳнати Тоҷикистон Шаҳноза Нодирӣ ва муовини раиси Ҳукумати Русия Алексей Оверчук доир гардид.

Ба иттилои манбаъ, вазифаҳои марказ аз роҳандозии пойгоҳи маълумот дар бораи ҷойҳои корӣ ва корҷӯён, ташкили суҳбатҳои онлайнӣ ва баҳодиҳӣ ба салоҳиятнокии касбии номзадҳо ба ҷойҳои корӣ иборат аст. Ғайр аз ин, дар ин ҷо ба шаҳрвандони Тоҷикистон доир ба қоидаҳои

Қобили зикр аст, ки ифтитоҳи марказ дар ҳошияи ҷаласаи 18-уми Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Русия оид ба ҳамкории иқтисодӣ дар Душанбе баргузор шуд.

Ёдрас мекунем, ки чанде пеш байни КВДФ «Хадамоти шиноснома ва раводид»-и ВКХ-и Русия ва Вазорати меҳнати Тоҷикистон дар бораи ифтитоҳи намояндагии ин корхона дар Душанбе Ёддошти тафоҳум ба имзо расид.

АҲОЛИИ САЙЁРА БА 8 МЛРД РАСИД

Ҳаштмиллиардумин одами сайёраи Замин - духтарча Арпи дар Арманистон таваллуд шуд. Ӯ дар шаҳри Мартуни вилояти Гегаркуники Арманистон ба дунё омад. Дар ин бора Карен Саркисян, раиси вилояти Гегаркуник рӯзи сешанбе дар саҳифаи фейсбукии худ навишт.

Тибқи маълумоти СММ, дар 12 сол шумораи аҳолии ҷаҳон 1 миллиард нафар афзудааст. Аз ҳама бештар дар Осиё ва Африқо. Пештозҳо Чин ва Ҳиндустон мебошанд - ҳар кадом тақрибан 1,5 миллиард нафар.

Мувофиқи гузориши СММ, соли 2040 аҳолии сайёра ба 9 млрд нафар мерасад. Тайи 200 соли ахир шумори аҳолии сайёра 8 баробар зиёд шудааст. Агар аввали солҳои 1900-ум дар сайёраи Замин 1,6 млрд нафар одамон зиндагӣ мекарданд, пас соли 2000-ум аллакай ба 6 млрд нафар расидаанд.

Фарзиншоҳ Ҳусейнов:

ПОЙИ ОСЕБДИДА САДДИ РОҲИ ҚАҲРАМОНӢ НАШУД

Имсол барои варзишгарони Тоҷикистон соли бобарор буд. Дар ҳама самтҳо варзишгарони мо ба дастовардҳои бесобиқа ноил гаштанд. Фарзиншоҳ Ҳусейнов яке аз варзишгарони хуштолеи мост, ки дар мусобиқаи ҷаҳонии самбо дар шаҳри Еревани Арманистон, ки аз 14 то 16-уми октябр баргузор гардид, нишони тиллоро миёни ҷавонони 18-20-сола соҳиб гашт ва қаҳрамони ҷаҳон оид ба самбо гардид. Бо Фарзиншоҳ Ҳусейнов атрофи роҳҳои расидан ба унвони қаҳрамонӣ суҳбате оростем.



- Аз мусобиқае, ки дар шаҳри Еревани Арманистон баргузор гардид, чӣ чизе бароятон хотирмон буд?

- Хотирае, ки аз шаҳри Еревани Арманистон гирифтам, хеҷ фаромӯш нахоҳад шуд, зеро дар он ҷо қаҳрамони ҷаҳон гардидам.

- Ин ғолибият чӣ гуна ба даст омад?

- Ҳар варзишгаре, ки ба мусобиқае рафтан мехоҳад, ҳатман бо омодагии чиддӣ ва бо умеди қаҳрамонӣ меравад. Вале ҳамоне қаҳрамон мегардад, ки заҳмати зиёд кашида бошад. Ҳарифи аввалини ман аз Қазоқистон буд. Ӯро бо ҳисоби 5 бар 2 мағлуб намудам. Ҳарифи дигарам, ки бо ҳисоби 10 бар 1 мағлуб намудам, аз Муғулистон буд. Вақте бо рақиби муғулӣ рақобат мекардам, дар дақиқаи дуюм поям ҷароҳат бардошт ва бо ҳамон пойи осебдида рақобатро давом додаму ғолиб омадам. Дар вохӯрии ниҳоӣ ҳарифам аз Ӯзбекистон буд. Ба ӯ бо ҳисоби 2 бар 1 ғолиб омадам.

- Бо пои осебдида чӣ тавр сабқатро идома додед?

- Осеб диданамро устодам Комроншоҳи Устопириён тариқи телевизион дидаанд. Пеш аз оғози даври ниҳоӣ паёмак доданд, ки “ту метавонӣ қаҳрамон гардӣ, ба роҳат идома деҳ. Ман ба ту боварӣ дорам”. Ҳамин сухан боис гашт, ки ман то охир қувваозмоиҳоро идома диҳам.

- Боварӣ доштед, ки унвони қаҳрамониро ба даст меоред?

- Бале, боварии калон доштам. Агар боварӣ надоштам бошед, чаро ба мусобиқа меравед? Ман бо роҳнамоии устодонам тайёрии чиддӣ дида, баъдан ба ин мусобиқа сафарбар гардидам.

- Вақти садо додани суруди миллӣ ва барафрохтани парчами кишвар чӣ ҳиссиёт доштед?

- Ҳар як варзишгаре, ки медали тилло мегирад, парчами кишвар баланд мегардаду суруди миллӣ садо медиҳад, ин ҳиссиётро танҳо ҳамон варзишгар эҳсос карда метавонад. Ҳиссиёти бисёр хубе доштам.

- Тамринҳоро дар кучо мегузарондед?

- Тамринҳоро дар толори варзишии Усто Устопириён ҳамроҳи мураббиён Усто Устопиров, Фаридуншоҳ Устопиров ва Комроншоҳ Устопириён мегузаронидем. Фахр мекунам, ки дастпарвари ин устодон ҳастам.

- Қабл аз Қаҳрамони ҷаҳон гардидан чӣ дастовардҳо доштед?

- Ба ғайр аз ин дар мусобиқоти зиёди ҷумҳуриявию байналмилалӣ иштирок кардаам. Чанд маротиба дар ҷумҳурӣ ҷойи аввалро соҳиб гаштам. Соли гузашта дар мусобиқаи байналмилалие, ки дар шаҳри Душанбе бо иштироки варзишгарони 30 давлат баргузор гардид, миёни калонсолон оид ба гӯштин соҳиби ҷойи аввал шудам. Боз дар Хучанд дар мусобиқаи байналмилалии Ҷоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиби ҷойи дуюм гашта, роҳи худро ба мусобиқаҳои байналмилалӣ кушодам.

- Ба ғайр аз варзиш ба чӣ кор машғулед?

- Донишҷӯи курси сеюми Донишгоҳи давлатии Хучанд ба номи Б. Ғафуров ҳастам ва дар факултети забонҳои шарқ дар риштаи тарҷумони забонҳои хитоӣ-англисӣ таҳсил мекунам. Бо забони хитоӣ озодона суҳбат мекунам.

- Дар оянда чӣ нақшаҳо доред?

- Дар оянда талош мекунам, ки дар мусобиқаҳои байналмилалӣ иштирок карда, парчами кишвари азизамонро баланд бардорам.

- Ба шумо барор мехоҳем!

Мусоҳиб: Идибеки САИД



Кифоят Ҳилолӣ:

ТОҶИКИСТОНРО ДӮСТ ДОШТАМ!

“Ман бори аввал ба Тоҷикистон омадам, вале кишвари шуморо дӯст доштам. Дар Душанбе эҳсоси бегонагӣ намекунам, мисле ки дар ватани худам бошам”,- мегӯяд хонум Кифоят Ҳилолии эронӣ, ки беш аз 20 соли охир дар Дубай иқомат мекунад.

Ин хонуми эронӣ ҳафтаи равон бо шавҳараш Маҳмуд Ризо меҳмони ҳафтаномаи “Тоҷикистон” буд. Номбурда оғози соли равон дар озмуни “Шеъри Наврӯз”-и ютубканали Pressa.tj ширкат намуда, ҷойи ифтихориро соҳиб гардид.

- Ман аз озмуни “Шеъри Наврӯз” тариқи шабакаи “Ютуб” огаҳӣ ёфтам ва як шеъри худро қироат карда, ба унвони сомонаи Pressa.tj ирсол намудам. Хушбахтона, шеъри ман хуш истиқбол шуд,- гуфт номбурда.

Зимни ташрифи хонум Кифоят Ҳилолӣ ба идораи ҳафтаномаи “Тоҷикистон” ба ӯ диплом ва нишони озмуни “Шеъри Наврӯз” ва сипосномаи ҳафтаномаи “Тоҷикистон” супорида шуд.

Хонум Кифоят Ҳилолӣ дар суҳбат ба Pressa.tj гуфт: “Ман аз ҷавонӣ шеър мегӯям, вале ҳеҷ вақт чиддӣ ба ин кор машғул нашудаам. Пас аз қадрдонии ҳафтаномаи “Тоҷикистон” кӯшиш мекунам, ки бештар ба шеър машғул бишавам ва китоби ашъорамро ба нашр расонам”.

Кифоят Ҳилолӣ мегӯяд, ки Тоҷикистонро барои сайру саёҳат макони мувофиқ дарёфт: “Тоҷикистон барои саёҳат бехтарин макон аст. Нақша дорем, ки дар ҷашни Наврӯз бо фарзандонамон ба Тоҷикистон биёем ва аз шаҳру навоҳӣ ва ҷойҳои таърихии кишвари шумо дидан кунем”.

Феълан Кифоят Ҳилолӣ бо шавҳараш Маҳмуд Ризо ва ду фарзандаш муқими Дубай аст ва ба тиҷорат машғул мебошад.

ҲАМЛА БА МЕҲРУБОН САНГИНОВ

Авбошон ӯро бо корд зада, роҳашро ба мусобиқа бастанд

Муштзани 26-солаи тоҷик ва раиси Федератсияи бокси шаҳри Душанбе Меҳрубон Сангинов, ки солҳои охир дар Амрико машқу ҳунарнамой мекунад, ҳадафи ҳамлаи авбошон қарор гирифта, ду зарбаи корд хӯрдааст.



Ҳамла рӯзи 10-уми октябри соли 2022 дар шаҳри Душанбе, вақте рӯй дод, ки ӯ барои хабаргирии наздиконаш ба Ватан омада буд.

Меҳрубон Сангинов баъди ин ҳамла дар бемористони “Ёрии таъҷилӣ” ҷарроҳӣ шуд ва се ҳафтаи дигар таҳти табобат қарор дошт ва ҳоло дар Амрико даврааи баркароршавиро аз сар мегузаронад. Гуфта мешавад, ки ин ҳамла боиси лағви набарди навбатии ӯ барои дарёфти мақоми довталаби унвони қаҳрамони ҷаҳон тибқи фарзияи Иттиҳодияи умумии ҷаҳонии бокс (WBA) шуд. Ин набард моҳи декабри соли ҷорӣ дар Орландои Амрико баргузор мешавад.

Меҳрубон Сангинов бори охир моҳи июли соли 2022 муштзани колумбиягӣ Ҷанер Гонсалесро шикаст дода, дар рейтинги WBA аз зинаи 14 ба зинаи 9-ум баромад ва ҳаққи мубориза барои мақоми довталаби унвони қаҳрамони ҷаҳонро ба даст оварда буд.

Мақомоти кишвар то ҳол дар мавриди ҳамла ба варзишгари тоҷик Меҳрубон Сангинов вокуниш накардаанд.

Меҳрубон Маҳмудович Сангинов 3-юми феврали соли 1996 дар шаҳри Душанбе ба дунё омадааст. Боксёри касбӣ, Устоди шоистаи варзиши Тоҷикистон. Аз соли 2017 раиси Федератсияи бокси шаҳри Душанбе.

Номбурда аз соли 2011 дар Мактаби ҷумҳуриявии маҳорати олии варзишӣ зери назари Мураббии шоистаи Тоҷикистон ва устоди варзиши СССР Парвиз Аҳмадов машқ мекард. Чандин бор қаҳрамони Тоҷикистон ва ғолиби мусобиқаҳои байналмилалӣ гардида, аз соли 2016 ва асосан дар Амрико дар мусобиқаҳои бокси касбӣ ҳунарнамой мекунад.

Моҳи сентябри соли 2017 Меҳрубон унвони қаҳрамони бокси ҷаҳон дар байни ҷавононро тибқи фарзияи WBC ба даст оварда. Моҳи январи соли 2021 Меҳрубон чемпиони WBA NABA ва тобистони соли 2022 чемпиони WBA America continental дар вазни миёна шуд. Ӯ аз моҳи феврали соли 2021 дар вазни худ дар рейтинги WBA дар байни 15 муштзани аз ҳама қавӣ ҷой гирифтааст.

ИШТИБОҲЕ, КИ ПАЙОМАДАШ ДАСТОВАРД БУД



МАРҲИЛАИ ҲАССОС

Бо фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ тақрибан ҳамаи ҷумҳуриҳои он (ба истиснои ҷумҳуриҳои соҳили Балтик ва Туркманистон) дар вартаи парешонӣ ва хатари даргириҳои дарунӣ қарор гирифтанд. Гуруҳҳо ва кишварҳои манфиатхоҳ мехостанд аз фазои холии бамиёномада ҳарчи зудтар истифода баранд. Зеро ҳанӯз пояҳои давлатдории миллии ин кишварҳои тоза истиқлолёфта истеҳкоми лозимро надошт ва барои ҳазму дарки моҳияти чунин як чархиши ғайриинтизори таърих ва андешидани тадобири мутаносиб бо он ниёзманди замони бештаре буд. Ҳамзамон “марказ”-е, ки ба истилоҳ, фатвои истиқлоли ҷумҳуриҳои собиқи худро содир карда буд, ба фикри эҷоди фитнаву тафриқаандозӣ афтод. Ба қавли Иқбол “Чанги темурӣ шикаст, оҳанги темурӣ бачост”...

Яке аз шеваҳои мавриди истифодаи “марказ”-и собиқ ба майдон кашондани мардум ва дар муқобили якдигар қарор додани онҳо буд, ки ин корро дар мавриди Тоҷикистон моҳирона амалӣ карданд. Ин нақша дар асл аз воқеаҳои моҳи феврали соли 1990 оғоз шуд, ки ҷумҳурии орому осудаи моро гирифтори бухрон кард. Дар чунин шароите фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ иттифоқ афтод ва ҷумҳуриҳои собиқи он дар марҳилаи комилан нав қарор гирифтанд. Ба қавли сиёсатмадорон ва сиёсатшиносон марҳилаи гузор ё интиқолӣ ҳассостарин ва мушкилтарин замон буда, ҳифзи бақои кишвар ва бо ҳадди ақали зиёну хисорот пушти сар гузоштани он ниёз ба тадбир, хирад, маърифати сиёсӣ ва инчунин сабру таҳаммули огоҳонаро дорад.

ВАКИЛОНИ ВОҚЕАН МАРДУМӢ

Дар чунин як шароите муҳимтарин маъракаи сиёсии кишвар, яъне интихоботи вакилони мардумӣ баргузор шуд. Фазои руҳиву равонии ҷомеа аз як сӯ тахти воқеаҳои фочиабори моҳи феврал қарор дошт ва аз сӯи дигар озодии нисбие, ки бо талқини “марказ” эҷод шуда буд, то ҷое боиси асаргузории нақши мардум дар ин интихобот ва маздудтар шудани имкони тақаллуб гардид. Баргузории интихобот ва таркиби нави парлумон моҳияти як таҳаввулоти назаррас дар ҳамон марҳиларо дошт, зеро то қабл аз ин дар асл вакилон на интихоб, балки интисоб ё таъин мешуданд. Ҳарчанд теъдоди зиёди вакилони парлумони навро низ намояндагони ҳизби ҳоким, яъне Ҳизби коммунист ташкил медоданд, аммо дар қиёс бо даврахои қабл ин бор ба мардум наздиктар буданд ва раъю овози ба даст овардаашон ҳам воқеият дошт. Пахши мустақими ҷаласаҳои Шӯрои Олӣ аз тариқи телевизиону радио ва гузоришҳои муфассали рӯзномаҳо аз дастури кор ва амалкарди парлумон боиси афзоиши бесобиқаи таваҷҷуҳи ҷомеа ба фаъолияти вакилон шуда буд. Ба ин далел бештари вакилон саъй мекарданд, ки дар ҷаласаҳои Шӯрои Олӣ нақши фаъол дошта бошанд, то эътимоди интихобкунандагонашонро аз даст надиҳанд.

Нуктаи дигари қобили зикр ин аст, ки ғолибан вакилони тоза ба парлумон воридшуда ғайриҳизбӣ буданд ва аз касбу кори гуногун намояндагӣ мекарданд. Бештари онҳо донишманд буданд ва мавриди эътибор ва эътимоди мардум қарор доштанд. Ба иборати дигар, аз назари маърифат, таҷриба, масъулиятшиносӣ ва дарку таҳлили воқеиятҳо метавон бештари вакилони даъвати 12-уми Шӯрои Олиро аз зумраи афроди коромади ҳамон замон донист. Ин вижагӣ буд, ки онҳо бо дарки печидагии вазъияти ҷомеа ва масъулияти худ дар баробари сарнавишти ояндаи кишвар, бо якдигар канор омаданд ва дар иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олӣ бо тасмимоти огоҳонаи хеш давлату миллатро аз хатари парешонӣ ҳифз карданд.

Намунаи бориз худи шахсияти Раиси Ҷумҳур аст, ки яке аз вакилони фаъолу пурталоши он даъвати парлумон буданд ва ҷасорату маҳорати ба худ хосе доштанд. Дар яке аз иҷлосияҳои Шӯрои Олӣ дар масъалаи азхудкунӣ ва обёрии заминҳои Данғара бо далелу бурҳон фаъолияти вазорату идораҳои марбута ва ҳатто ҳукуматро зери танқид гирифтанд. Суханронишашон мавриди таваҷҷуҳи Раиси Ҷумҳури собиқ қарор гирифт ва муносибати вазорату идораҳои дахлдор ба масъалаи ёдшуда тағйир ёфт.

ЭЪЛОМИЯИ ИСТИҚЛОЛ ВА НИГАРОНИИ МУЪМИН ҚАНОАТ

Дар яке аз маҷлисҳои Шӯрои Олӣ вакил Ҷабборов Тоҳир бо гуруҳи вакилон, ки банда ҳам шомили он будам, “Эъломияи мустақилияти Тоҷикистон”-ро омода карда ва ба баррасии вакилон гузошт. Аммо вакилон бо нигаронӣ аз он ки “марказ” балое ба сарамон наоварад, пешниҳоди баррасии Эъломияро рад карданд. Аз миён муддати зиёде ҳам нагузашт, ки дастури эълони истиқлоли ҷумҳуриҳо аз Маскав содир шуд. Дар ниҳоят яке аз вакилон Эъломияи истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мазмуни қаблан пешниҳодшударо қироат кард ва ин рӯйдоди торихӣ иттифоқ афтод.

Дар лобалои ин таҳаввулот каму беш тазоҳуроте иттифоқ меафтод, ки дар доман задан ба онҳо “марказ” даст дошт. Боре дар остонаи чунин ҳаракатҳои хиёбонӣ як ҳафта дар Маскав бо устод Муъмин Қаноат будем, ки масъулияти раёсати кумитаи муносибатҳои байналмилалии парлумони Шӯравиро бар уҳда дошт. Шоҳиди он будем, ки намояндагони гуруҳҳои зиёде ба назди устод меомаданд ва аз он, ба истилоҳ, изҳори “нигаронӣ” менамуданд, ки чаро дар ҳама ҷумҳуриҳо мардум ба майдонҳо омада, тазоҳурот мекунанду тоҷикон хомӯшанд. Устод Муъмин Қаноат тавзеҳ медоданд, ки дар шароити Тоҷикистон чунин коре боиси эҷоди тафриқаву парешонӣ мешавад, аммо гӯши онҳо ин ҳарфҳоро қабул надошт ва тоҷиконро муттаҳам ба “бечуръатӣ” менамуданд. Ҳатто яке аз онҳо дар мавриди мардуми мо аз истилоҳи “гӯсфанд” истифода кард, ки чунин пуррӯйӣ ба ҳадде боиси нороҳатӣ ва ғазаби устод шуд, ки вайро бо дашномҳои обдор берун намуд.

ИШТИБОҲҲОИ РАҲМОН НАБИЕВ

Мехоҳам то ҷои имкон дар мавриди ҳаракатҳо ва тазоҳуроти мардум назарамро батафсил баён кунам, фақат ин нуктаро ёдовар мешавам, ки саранҷом ҳузури мардум дар майдон ва ба далели воқеаҳои февралӣ талаб кардани истеъфои раиси ҷумҳур Қаҳҳор Маҳкамов аз сӯи вакилон низ ҷонибдорӣ шуд ва ин иттифоқ рух дод. Боз ҳам вазъият замоне тезутунд шуд, ки Раҳмон Набиев пас аз солҳои дурӣ аз роҳбарии сиёсӣ дигарбора вориди майдони сиёсат шуд. Аввал ба сифати раиси Шӯрои Олӣ ва сипас бо роҳи интихобот ҳамчун Раиси Ҷумҳур. Албатта, канор омадан бо тазоҳуркунандагон имконпазир буд, вале ба ҷои он раиси ҷумҳур муқобилгузориро эҷод кард.

Иштибоҳи дигар он буд, ки бо фишор ва зӯроварии силоҳдорони қудратхоҳ дар фурудгоҳ аризаи истеъфои Раҳмон Набиевро гирифтанд. Бо доштани раъйи миллионҳо нафар интихобкунанда албатта аз идораи ҳукумат дар канор шудани ӯ кишварро бо ҳарҷу марҷ ва халъи қудрат ё беҳокимиятӣ мувоҷеҳ сохт. Ин ҷо буд, ки ҷуръати бадхоҳони Тоҷикистон зиёд шуд ва иқдом ба дахолати рӯйрост дар корҳои кишварамон карданд. Ҳатто бархе хаёли ба даст овардани порае аз хоки муқаддаси Тоҷикистонро дар сар мепарвариданд, ки мутаассифона, баъзе гуруҳҳо ва ашхоси масъул дар дохили кишварамон низ ба осиёби манфиатҳои онҳо об мерехтанд.

ҲУКУМАТИ ФАЛАҶ

Ин вазъият боиси нигаронии ҷидии вакилони Шӯрои Олӣ шуда буд. (Ҳарчанд тафриқаандозӣ, барафрӯхтани оташи ҷанги шаҳрвандӣ аз Шурои Олӣ сарчашама мегирифт,- ред.). Чаро ки пас аз ҳазор соли маҳрумият аз давлати миллӣ, ки ҳосили он шикаста шудани руҳи озодагӣ буд, бори дигар чунин як хатари маргбор сарнавишти миллату кишварро таҳдид мекард. Бинобар ин, вакилони Шӯрои Олӣ тасмим гирифтанд ба ҳар қимате аз тамомияти хоки кишвар ва истиқлоли он дифоъ намоянд.

Саранҷом масъалаи дар Хуҷанд баргузор шудани иҷлосияи Шӯрои Олӣ ва бо миёнравии фаъолони ин вилоят баргузор кардани маросими оштии байни тарафҳои даргир матраҳ гардид. Бори аввал қарори раёсати Шӯрои Олӣ бо чиҳил имзои вакилон баргардонда ва таъкид шуд, ки иҷлосия бояд дар пойтахти кишвар сурат гирад. Аммо пас аз як-ду рӯз раёсати Шӯрои Олӣ қарори даъвати иҷлосияро дар шаҳри Хуҷанд эълон кард ва вакилон дар он ҷо ҷамъ шуданд.

ИНТИХОБИ ОГОҲОНА

Зимнан, дар Хуҷанд ду рӯз пеш аз оғози иҷлосияи Шӯрои Олӣ Ҳабибулло Табаров ба намояндагӣ аз гурухе аз вакилон пешниҳоди худро дар бораи раёсати нави Шӯрои Олӣ ва номзади эҳтимолӣ ба миён гузошта, назару андешаи боқии вакилонро фаҳмидан мехостанд. Албатта, муҳити иҷлосия тавре набуд, ки касе ё гуруҳе ба вакилон фишор меоварда бошад, балки фазо озод буд ва вакилон андешаи худро мувофиқи бардошту таҳлилашон баён мекарданд ва тасмим мегирифтанд. Барои вакилон ин мавзуъ муҳим буд, ки чигуна метавон тасмими дуруст гирифт, ки хатари парешонии кишвару миллат аз байн бардошта шавад. Албатта баъзе кишварҳои манфиатдор, ки онҳоро хуб мешиносем, кӯшиш мекарданд, ки бар фазои иҷлосия таъсир гузоранд, аммо кори асосӣ дар дасти худи вакилони Шӯрои Олӣ буд. Бо пешниҳоди гуруҳи вакилон интихоботи раёсати нави Шӯрои Олӣ ба рӯзномаи маҷлис гузошта шуд ва ба таври огоҳона интихоби раису раёсати нави Шӯрои Олӣ бо иштироки аксарияти вакилон ва тарафдории пурраи онҳо баргузор шуд.

МОРО БА ЧАШМИ КАМ МАБИНЕД!

Пас аз ин иҷлосия низ даргириҳо давом ёфт, харобкориҳои зиёде рух дод, муҳоҷирату парешониҳое низ ба миён омад, ки таассуфбор буд. Лекин мо ба унвони вакил муваффақ ба рафъу дафъи хатаре шудем, ки давлатдории миллии мо ва тамомияти хокамонро таҳдид мекард. Мутаассифона, имрӯз миллатгароҳои ифротӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ чунин андешаи бепоя, ғайриворқеӣ ва ғайриилмиро паҳн мекунанд, ки гӯё ин минтақа дар дарозои торих маҳали сукунати туркторон будаву ҳузури қавми тоҷик дар он иттифоқист. Дар фазои расонаии бархе аз ин кишварҳо талошҳое барои “Туркистон” номгузорӣ шудани минтақа ба назар мерасад, ки бо масъалаи зикршуда иртиботи мустақим дорад.

Қаблан ишора кардем, ки асосу бунёду пойдории ҳар миллате ба мизони донишу маърифати он вобаста аст. Дуруст аст, ки дар марҳилаи гузори даҳаи 1990 кишварҳо ва неруҳои бегона ба мо фишор оварданд ва боиси дахчанд шудани мушкилот гардиданд, аммо агар сатҳи огоҳиву маърифати мо баланд мебуд ва таҷрибаи хуби давлатдорӣ медоштем, метавонистем wқодир ба муқовимат ва парҳез аз даргирии худӣ бо худӣ бошем. Бахусус дар шароити кунунии минтақа ва ҷаҳон мо дар сатҳи миллӣ дар баробари заруритарин ниёзҳои моддии худ инчунин ба маърифат, яъне илму дониш ва фарҳанги ҳамроҳ бо ахлоқ, ниёз дорем. Дақиқан ин нӯшдоруи ҷовидонагии миллат ва давлатдории миллиест, ки чанд ҳазор сол пеш шуҳраи ҷаҳон буд. Албатта, қудрат ҳам омили бисёр муҳим аст ва дар дунёи кунунӣ бояд қавӣ буд, то лагадмоли дагарон нашавӣ. Ба қавли шоир:

Бирав қавӣ шав, агар роҳати ҷаҳон талабӣ,
Ки дар низоми табиат заъиф помол аст.

Ҳайдаршоҳи АКБАР,
вакили Иҷлосияи 16-уми
Шӯрои Олии ҶТ



ИҶЛОСИЯИ ТАҚДИРСОЗ

Аз оғоз то анҷом дар нашри махсуси “Тоҷикистон”



Хафтаномаи “Тоҷикистон” ба муносибати 30-солагии баргузор шудани Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон нашри махсусеро дар 32 саҳифаи ранга ва муҷалло ба чоп расонид, ки он “Иҷлосияи XVI. Аз оғоз то анҷом” ном дорад.

Ин шумораи ҷашнии “Тоҷикистон” чанд вежагӣ дорад:

1. Вазъи сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон дар соли 1992 аз забони сиёсатмадорону вакилон арзёбӣ шуда, омилҳои сар задани нооромӣ дар кишвар аз чанд нигоҳ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

2. Дар суҳбат бо вакилони Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон даъвати 12-ум, рӯзҳои баргузории ин ҳамоиши сарнавиштсоз, лаҳзаҳои ҳассос ва хотирмони он инъикос гардидааст. Вакилон дар суҳбатҳо хотиротеро нақл кардаанд, ки то ба имрӯз дар ҳеҷ куҷо нашр нашуда буд.

3. Бори аввал ному насаб ва акси 197 вакили Иҷлосия дар ин шумора нашр шудааст. Ҳамчунин, аз архиви вакилон аксҳои таърихие ба нашр расидаанд, ки инъикосгари вазъи кишвар дар соли 1992 ва баёнгари рӯзҳои Иҷлосия ҳастанд.

4. Дастовардҳои Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ, ба монанди санадҳо, қарору қонунҳо, изҳорот ва рамзҳои давлатӣ амиқу дақиқ бозгӯӣ шудаанд.

5. Аҳамияти Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон дар таҳкими Истиқлоли давлатии Тоҷикистон бо далелҳо инъикос гардидааст.

Хулоса, ин шумораи вежаи “Тоҷикистон”-ро метавон оинаи тамоми намои Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон арзёбӣ кард.

Чанде аз гуфтаҳои вакилони Иҷлосияро аз Шумораи махсус пешкаши шумо мекунем:

АБДУМАҶИД ДОСТИЕВ



Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олӣ дар ҳаёти халқу давлат таърихӣ боқӣ монд. Он ҷумҳурӣ ва мардумро, ки чун киштии бепаноҳ бе нохудо монда буду ҳар замон тӯфони ҳаводис ба ғарқ шудану нестӣ таҳдид мекард, раҳо бахшида, масири ҳаракат, чароғи роҳнамои онро муайяну шахсеро дар симои фарзанди фарзона - Эмомалӣ Раҳмон гавҳаршиносона сари фармон боз оварду, то киштӣ ба соҳили мурод раҳнамун гардад. Ман Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олӣ даъвати дувоздаҳумро иҷлосияе мешуморам, ки оғоз дошту анҷом не. Он моро аз ҳолати беҳокимиятӣ, номуайянӣ ва худхӯрӣ бароварду.

ХУДОЙҚУЛ ҲАМРОҚУЛОВ



Иҷлосияи 16-уми Шӯрои олӣ дар шароити душвор баргузор шуд. Ман раиси гумрук будам. Фишорбиёрӣ бисёр шуд. Ҳатто як нафар бо номи Ибод Бойматов як канистр бензин оварда Раёсати минтақавии идораи гумрукро дар шаҳри Турсунзода оташ заданӣ мешавад. Бензинро мерезад, вале гӯгирд намеёбанд, вагарна ҳама месӯхт. Дар стансияи Душанбе-2 яҳудиҳо борҳояшонро супорида буданд, барои ба Исроил рафтан. Ҳамон борҳоро дуздиданд ва Душанбе-2-ро оташ заданд. Дар водии Вахш яроқҳои кормандони гумрукро кашида гирифтанд… Агар ҳамин Иҷлосия баргузор намешуд, мо кишварро аз даст медодем.

РАҲМОНҚУЛ АТОЕВ



8-уми ноябр бо мошини хизматӣ ба роҳ баромадем, то ба шаҳри Хуҷанд расида, дар кори Иҷлосия ширкат кунем. Вазъи кишвар хеле нигаронкунанда буд. Даҳшати ҷангро дар Ӯзбекистон низ бо чашми сар дидем. Дар сари роҳ чанд оилаи гуреза чордеворе бардошта, зери осмони кушод, бе бому дару тиреза зиндагӣ мекарданд. Мардеро дучор омадем, ки қариб 40 духтараки аз 7-8 то 14-15-соларо аз водии Вахш ба як мошин бор карда гурезондааст…

ҲАБИБУЛЛО ТАБАРОВ



Раҳмон Набиев ба иҷлосия омаду се бор аз ӯ хоҳиш шуд, ки ба истеъфо равад, розӣ намешуд, аз гапаш гашта буд. Мегиранд мебарандаш берун, аз он ҷо меорандаш дарун. Яке маслиҳаташон пухт ва раҳматӣ хеста аризаи истеъфояшро хонд. Иҷлосия хеле душвор мегузашт, масъалаҳои хеле ҷиддӣ муҳокима мешуданд, ҳатто дар танаффусҳо низ баҳсу муҳокимаронихо идома меёфт. Дар яке аз танаффусҳо маҷлиси намояндагони вакилон баргузор шуд, ки дар он ҳам раисӣ мекардам. Таклиф ба миён омад, ки Эмомалӣ Раҳмон ба вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ карда шавад. Мо аввал ба ӯ пешниҳод кардем, ки биё яку якбора вазифаи президентро бар дӯш бигир, вале он кас рад карда, гуфтанд, ки ҳамин раиси Шӯрои Олӣ низ сарвари давлат аст.

РАФИҚА МӮСОЕВА



Бояд гуфт, ки дар чунин вазъи мураккаби кишвар, яъне давраи гузариш ба истиқлол, барои аз вартаи нобудӣ наҷот бахшидани миллат дасти бузургу қавие лозим буд, то тавонад мардумро нерӯ ва эътимод бахшад, роҳнамой кунад ва ба қуллаҳои мурод бирасонад. Маҳз чунин шахсият вакили мардумӣ Эмомалӣ Раҳмон буд, ки ба вазифаи Раиси Шӯрои Олӣ пешниҳод шуд. Сипас, масъулияти роҳбарии давлат низ ба зиммаи ӯ гузошта шуд. Ҳамин тариқ, яке аз масъалаҳои калидии иҷлосия 19-уми ноябри соли 1992 ҳалли худро пайдо намуд. Минбаъд ҳаёт собит сохт, ки ин интихоби мо интихоби дуруст ва оқилона буд ва мо - иштирокчиёни ин иҷлосияи таърихӣ аз интихоби худ меболем.

АЛАМХОН АҲМАДОВ



Тоҷикистон он айём ба киштии шикаста шабеҳ буд, ки ба нохудои ҷасур ва сарсупурда ниёз дошт. Шоҳиди бевосита будам, ки шахсони дар мактаби сиёсат обутобёфта ва дар мансабҳои баланд фаъолиятқарда вазифаҳои калидиро рад мекарданд. Масалан, Валентина Абдусамадова пешниҳодро бобати таъин шудан ба мансаби муовини Сарвазири ҷумҳурӣ рад карда, гуфт, ки “ин Ҳукумат умри 7-рӯза дорад”. Сарфи назар аз ин, Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олӣ як қатор сиёсатмадоронро ба майдони давлатдорӣ оварда, ки бо садоқат ба Роҳбари давлат ва муҳаббат ба миллату меҳан дар эъмори Тоҷикистони муосир саҳм гузоштанд.

Зубайдулло Азиззода:

НИЯТУ ОРМОНҲОИ ЗИЁД ДОРЕМ

Шарҳи фаъолиятҳои МДТ "Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз" аз ҷониби директори он



Зубайдулло Азиззода, директори МДТ "Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз

Рушди соҳаи маориф барои рушди дигар соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Дар ин росто, фаъолияти муассисаҳои таълимии тиббӣ назаррасу муфид аст. Яке аз чунин муассисаҳо Муассисаи давлатии таълимии "Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз" ба шумор меравад.

АЗ ТАЪРИХИ МУАССИСА

14-уми октябри соли 1953 бо фармони шуъбаи тандурустии вилоятии Кӯлоб, №105 мактаби тиббии шаҳри Кӯлоб таъсис дода шуд. Як сол пас муассисаи номбурда ба омӯзишгоҳ табдил ёфт. Аз соли 1990 он бо номи коллеҷи тиббӣ фаъолияти густурда дорад. Соли 2019 ба коллеҷи мазкур номи доктори илмҳои тиб, профессор Раҳмонзода Раҳматулло Азиз гузошта шуд.

Азиззода Зубайдулло Абдулло - директори МДТ "Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз" мегӯяд, ки соли оянда 70-солагии таъсиси коллеҷ таҷлил хоҳад гардид. Ба ин муносибат "Энсиклопедияи коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз" омода гардида истодааст ва дар нақша аст, ки он бо теъдоди 500 нусха дастраси хонандагон гардонида шавад.

- Хизмати муассисаи мазкур дар беҳдошти сиҳатии мардуми минтақаи Кӯлоб дар давоми солҳои сипаришуда басо калон аст. Солҳои фаъолияташ ин даргоҳи донишро 25 861 нафар мутахассисони миёнаи тиббӣ хатм намудаанд. Айни замон дар муассиса ба 3530 нафар донишҷӯён як доктори илми тиб, ду нафар номзадони илмҳои тиб, як нафар номзади илмҳои филологӣ ва 2 нафар номзадони илмҳои педагогӣ, 213 нафар омӯзгорон таълиму тарбия медиҳанд. Агар соли 2021 коллеҷро 1152 нафар (37 нафар бо дипломи аъло) хатм карда бошанд, пас ин шумора соли 2022 ба 1016 нафар (41 нафар бо дипломи аъло) расидааст,- афзуд ӯ.

ЗАМИНАИ МОДДӢ-ТАЪЛИМӢ

Ба гуфтаи З. Азиззода, айни замон коллеҷ дорои 5 бинои таълимӣ, 1 бинои хобгоҳ барои 420 нафар донишҷӯ, 1 ташхисгоҳи таълимӣ-лабораторӣ, 1 маркази таълимӣ-истеҳсолии фарматсевтӣ, 1 маркази таълимӣ-табобатии стоматология бо устохонаи дандонсозӣ, маркази омӯзишии малакаҳои амалии ҳамширагӣ, 141 кабинетҳои таълимӣ, 3 синфхонаи компютерӣ, 2 майдончаю толори варзишӣ, толори мачлисгоҳ барои 110 ҷойи нишаст ва китобхона мебошад. Дар давоми соли равон дар муассиса ба андозаи бештар аз 431 ҳазор сомонӣ корҳои таъмирӣ барои беҳдошти таълим масраф гардидааст. Ҳоло сохтмони бинои хобгоҳи нуҳошёна барои 700 ҷой идома дорад. Шумораи компютерҳо дар коллеҷ 151, принтерҳо 42, тахтаҳои электронӣ 12, проектори мултимедӣ 13 ададро ташкил медиҳад.

Дар нуҳ моҳи аввали соли 2022 барои китобхона 1 152 адад китобҳои дарсӣ харидорӣ карда шудааст. Айни замон дар хазинаи китобхона ҳамагӣ 19 163 адад адабиёти таълимӣ мавҷуд аст. Ҳамчунин, дар назди китобхона китобхонаи электронӣ бо 10 адад компютер ва 1 адад принтер пайваст бо хати интернетӣ фаъолият менамояд. Хазинаи китобхонаи электронӣ зиёда аз 10 000 нусха адабиёти таълимиро дар шакли электронӣ дар бар мегирад.

Бояд тазаккур дод, ки аз рӯи 7 ихтисос муассиса кадрҳои миёнаи тиббӣ омода месозад. Ҳоло аз тарафи Агентии назорат дар соҳаи мориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассиса омода намудани мутахассисон аз рӯи ихтисоси кори табобати дандон иҷозат дода шудааст. Қайд намудан зарур аст, ки дар заминаи коллеҷ шуъбаи такмили ихтисос барои кормандони миёнаи тиббӣ ташкил карда шудааст, ки то ҳол дар он зиёда аз 60 нафар кормандони муассисаҳои тандурустии минтақаи Кӯлоб аз курсҳои такмили ихтисос гузаштаанд. Дар назар дошта шудааст, ки бинобар мавҷуд будани талаботи бозори меҳнат ба мутахассисон дар коллеҷ соли ҷорӣ омодасозии мутахассисони ихтисоси кори ҳамширагӣ дар косметология ба роҳ монда шавад.

Бино ба иттилои ҳамсуҳбатамон, айни замон бо ин мақсад заминаи моддию таълимӣ омода гардида, ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба Агентии назорат дар соҳаи мориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд.



Аз оғози соли ҷорӣ бо иқдому ташаббусҳои кормандони 17 кафедра 18 дарси кушоду намунавӣ, 7 конфронси илмӣ-сиёсӣ, 4 конфронси илмӣ-назариявӣ, 6 озмунҳои касбии тахассусӣ ташкилу баргузор гардидаанд.

Соли тахсили ҷорӣ 5 нафар донишҷӯёни аълохон гирандагони стипендияи номӣ мебошанд. Аз онҳо Маҳмадова Дилноза гирандаи стипендияи Президентӣ, 4 нафари дигар гирандагони стипендияи раиси вилояти Хатлонанд. Аз шумораи умумии донишҷӯён 673 нафар бо стипендияи давлатӣ таъмин карда мешаванд.





Ҳамчунин, дар коллеҷ стипендияи ба номи профессор Раҳмонзода Раҳматулло Азиз аз ҷониби фарзандонаш таъсис дода шудааст, ки ҳамасола он ба 10 нафар донишҷӯён дода мешавад. Оянда шумораи гирандагони он ба 20 нафар ва ҳаҷми маблағи солонаи он аз 10 ҳазор ба 20 ҳазор сомонӣ боло бурда мешавад.

Донишҷӯёни коллеҷ малакаю таҷрибаро дар 33 муассисаю корхонаҳои тандурустии минтақа меомӯзанд.

ҲАМКОРИҲОИ ДОХИЛИВУ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Баҳри беҳтар намудани раванду сифати таълим ва омодасозии мутахассисони миёнаи тиббӣ, табодули таҷриба, воридсозии услубҳои муосири таълим муассиса ҳамкориро бо як қатор муассисаҳои таълимии миёна, олии касбӣ, баъдидипломии ватаниву хориҷӣ, пажухишгоҳҳо ва ташкилотҳои байналхалқӣ ба роҳ мондааст.

Аз ҷумла, коллеҷ бо ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, Донишкадаи тахсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Тоҷикистон, Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони маориф, ДДОТ ба номи С. Айнӣ, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. С. Осимӣ, Коллеҷи техникӣ, омӯзгорӣ, Пажуҳишгоҳи экспертизаи тиббию иҷтимоӣ ва тавонбахшии маъюбон, намояндагии Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ, Агентии Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ, коллеҷҳои тиббии шаҳрҳои Санкт-Петербург, Бишкек, Остона, Волгоград ва Тошканд ҳамкории самаранок дорад.

НИЯТУ ОРМОНҲО

Зимнан, Азиззода Зубайдулло Абдулло - директори МДТ "Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз" мегӯяд, ки як қатор нияту ормонҳо доранд:

- афзоиш додани хазинаи китобхона бо адабиёти таълимӣ;

- бештар намудани шумораи компютеру дигар таҷҳизоти электронӣ;

- вусъат додани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таълимӣ-методӣ;

- баланд бардоштани сатҳи тахассуснокии омӯзгорон;

- сохтмони 2 адад толорҳои лексионӣ;

- ташкили лабораторияҳо аз фанҳои дақиқ (химия, биология, физика ва ғ.);

- омодасозии лоиҳаи сохтмони бинои нави таълимии коллеҷ ва дармонгоҳи наздиколеҷӣ;


- ташкили такмили ихтисоси омӯзгорон дар хориҷи кишвар.

Нурулло ҲАСАНОВ

ФОРУМИ ИҚТИСОДӢ

ва густариши ҳамкории Бонки миллии Тоҷикистон бо Бонки марказии Ҷумҳурии Ӯзбекистон

Рӯзҳои 3-4-уми ноябри соли 2022 раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким дар дуюмин Форуми иқтисодии Ӯзбекистон таҳти унвони “Одамон дар қалби ислоҳоти иқтисодӣ”, ки дар шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор гардид, иштирок намуд.



Дар кори ҳамоиши муҳими иқтисодӣ намояндагони сатҳи роҳбарикунандаи мақомоти бахши иқтисодӣ ва молиявӣ, аз ҷумла бонкҳои марказӣ (миллӣ) ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ширкат варзида, масъалаҳои таъмини устувории макроиқтисодӣ, тағйирёбии иқлим ва рушди бахши хусусиро баррасӣ карданд.

Қобили қайд аст, ки роҳбарони мақомоти давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, намояндагони Бонки Ҷаҳонӣ, Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ, Хазинаи Байналмилалии Асъор, Бонки Осиёии Рушд ва дигар созмонҳои бонуфузи молиявӣ дар маросими ифтитоҳи расмии чорабинӣ иштирок намуда, фикру андешаҳои худро оид ба масоили суботи макроиқтисодӣ ва рушди устувор, ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ, нақши рейтингҳо ва индексҳои байналмилалӣ, суръатбахшии фарогирии молиявӣ ва ғайра баён карданд.

Масъалаҳои таъмини суботи молиявӣ ва дурнамои макроиқтисодӣ дар минтақа бо назардошти таъсири хавфҳои геосиёсӣ, чораҳои бахши молиявӣ барои коҳиш додани фишорҳои таваррумӣ вобаста ба баланд шавии нархи маводи озуқаворӣ ва маҳсулоти сӯзишворӣ, ҳифзи манфиатҳои кишварҳои аъзо дар доираи Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Гуруҳи Бонки Ҷаҳонӣ дар мизи мудаввари Форуми иқтисодӣ, ки зери унвони “Шарҳи дурнамои иқтисоди минтақа” таҳти роҳбарии Ҷиҳад Азур - директори Департаменти Шарқи Наздик ва Осиёи Марказии Хазинаи Байналмилалии Асъор баргузор шуд, баррасӣ гардиданд.

Мулоқоти раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким бо раиси Бонки марказии Ҷумҳурии Ӯзбекистон Нурмуратов Мамаризо дар ҳошияи ҳамоиши дуюмин Форуми иқтисодии Ӯзбекистон баргузор гардид, ки дар он ҷонибҳо масоили ҳамкориҳои нав ва судманди низомҳои бонкии Тоҷикистону Ӯзбекистонро муҳокима намуданд.

Мусоҳибон дар ҷараёни вохӯрӣ, ки дар муҳити самимӣ ва дӯстона сурат гирифт, ҳамчунин масъалаҳои таҳкими ҳамкориҳо байни бонкҳои марказӣ ва низомҳои бонкии ду кишвар дар самти назорати бонкӣ ва низомҳои пардохтӣ, густариши муносибатҳои муросилотӣ, кушодану роҳандозии суратҳисобҳои бонкӣ, амалигардонии пардохтҳои байналмилалиро баррасӣ карданд.

Ҳамзамон, дар қисмати ҷамъбастии мулоқот бо мақсади рушду тавсеаи ҳамкориҳои дуҷонибаи судманд дар бахши интиқоли фаромарзии маблағҳо, ташкили рақобати озоду солим, ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, баланд бардоштани сатҳу сифат ва бехатарии хизматрасониҳои пардохтӣ ва мубодилаи иттилоот, Созишнома байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки марказии Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар соҳаи назорати иштирокдорони бозори хизматрасониҳои пардохтӣ ва низомҳои пардохтӣ ба имзо расонида шуд.

ҲАМКОРӢ БАЙНИ БМТ ВА КБМ БАРРАСӢ ГАРДИД

8-уми ноябри соли 2022 раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло бо ноиби Президенти минтақавии Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ дар Шарқи наздик, кишварҳои Осиёи Марказӣ, Туркия, Афғонистон ва Покистон Ҳела Шейхроухи мулоқот анҷом дод.



Дар доираи вохӯрӣ раиси Бонки миллии Тоҷикистон диққати намояндагони КБМ-ро ба масъалаҳои рушди самтҳои афзалиятноки кишвар, аз қабили рушди бозорҳои молиявӣ, инфрасохтор, истеҳсолот, саноат, соҳибкории кишоварзӣ ҷалб намуда, изҳор дошт, ки барои рушди ин соҳаҳо зиёд намудани ҳаҷми қарздиҳии имтиёзноки дарозмуддат, бахусус ба бахшҳои соҳибкории хурд ва миёна, ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон ва махсусан занони соҳибкор муҳим аст.

Ҳоким Холиқзода нақши муҳими шарикони рушд, бахусус Корпоратсияи Байналмилалии Молиявиро дар таъмини рушди устувори низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуда, қайд кард, ки айни замон иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар вазъи мураккаби геосиёсӣ ба ҳамкориҳои самаровар бо созмонҳои молиявии байналмилалӣ ҳавасманд мебошад.

- Бо назардошти он, ки солҳои охир фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон густариш ёфта истодааст, барои мо масъалаи ба роҳ мондани муносибатҳои бевоситаи муросилотӣ муҳим аст. Дар ин самт ҳамкории мутақобилан судманди шарикони рушдро барои мусоидат дар ташкили муколама байни ташкилотҳои қарзии Тоҷикистон ва бонкҳои Аврупо ва Амрико зарур шуморида, пешниҳоди тавсияҳоро дар ин самт истиқбол хоҳем кард,- таъкид намуд раиси Бонки миллии Тоҷикистон.

Ноиби Президенти минтақавии Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ дар Шарқи наздик, кишварҳои Осиёи Марказӣ, Туркия, Афғонистон ва Покистон Ҳела Шейхроухи дар навбати худ изҳори хушнудӣ кард, ки низоми бонкии Тоҷикистон сол то сол рушд намуда, ба комёбиҳои назаррас ноил гашта истодааст.

- Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ нақша дорад дар татбиқи лоиҳаҳои зиёд дар Тоҷикистон саҳм гузорад ва доираи ҳамкориҳои худро дар ин кишвари зебоманзар, ки дорои фарҳанги куҳанбунёд мебошад, амиқтар намояд,- гуфт номбурда.

Ба андешаи Ҳела Шейхроухи, тавре таҷрибаи чандсолаи ҳамкории дуҷониба нишон дод, Бонки миллии Тоҷикистон дар самти рушди иқтисоди мамлакат нақши назаррас гузоштааст.

Зимни мулоқоти судманд ҷонибҳо ҷиҳати тавсеаи бештари ҳамкориҳои техникӣ дар самтҳои рушди бахши суғурта, ҷалби мушовирони дарозмуддат дар бахши суботи молиявӣ, таҳкими минбаъдаи механизмҳои танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои молиявии қарзӣ, аз ҷумла муайян, идоракунӣ ва кам кардани таъсири хавфҳои молиявӣ, гузаронидани стресс-тестҳои фаъолияти бонкҳо ва низоми назорати бонкӣ дар доираи стандартҳои Базел, такмили методология ва истифодаи технологияҳои ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилоот дар соҳаи низоми пардохт, таҳияи консепсияи ҷорӣ намудани рақами ягонаи мушаххаси бонкӣ, таъсиси Маркази байнибонкии мушаххаскунии назди БМТ, таҳкими минбаъдаи механизмҳои танзим ва назорати фаъолияти субъектҳои низоми пардохтӣ дар самти пешниҳоди хизматрасониҳои пардохти фосилавӣ, дастгирии консепсияи пардохти ғайринақдӣ барои хизматрасониҳои давлатӣ, таҳияи заминаи меъёрӣ оид ба ҷорӣ намудани коммутатори ягона барои иштирокчиёни бозори пардохт ва дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳ ибрози назар намуданд.

Шуъбаи матбуоти БМТ

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Аттестати хатми синфи нуҳуми А622955-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8-и ноҳияи Варзоб соли 1991 ба Рачабова Муқадас Буҳоровна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аппарати касса ба номи Раҳматуллоев Рустам Мирзоалиевич, РЯМ: 0130175834, РМА: 055344378, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур соли 2020 додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Хоҷазода Фирдавси Ҳафиз, РЯМ: 0430265312, РМА: 045995571, ки онро Нозироти андози ноҳияи Сино соли 2018 додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо варақаи қайди №46161 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Федина 3/1, ҳуҷраи 141 ба номи Ширинов Абдужабор бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ, ки ба хоҷагии деҳқонии фермери "Меҳри", РМА 070005505 дар шаҳри Турсунзода аз тарафи Вазорати адлияи ҶТ дода шудааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрести №1К-184-и гумшуда, ки онро ҶДММ "Рухшона" 03.02 соли 2003 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён, кӯчаи Гулистон, хонаи 11, ҳуҷраи 4 ба Воқифова Муминамо додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи ёздаҳуми №135331-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8-и шаҳри Ҳисор (собиқ №32) соли 1995 ба Мавлододова Бунафша Хуршедовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми АБ №026101-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №38-и ноҳияи Сино соли 1998 ба Соҳибова Шаҳноза Баҳромовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Р. Набиев 226/1, ҳуҷраи 48 ба номи Мирзоев Хуршед Каримович, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи НБ №583237-и гумшуда, ки онро ШКД-и шаҳри Бохтар (ноҳияи Хатлон) 15-уми январи соли 1992 ба Худогуев Ҳоҷикалон Халифаевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи НБ 705542-и гумшуда, ки онро ШКД-и шаҳри Бохтар (ноҳияи Хатлон) 19-уми октябри соли 1988 ба Ҳудогуева Рухшона Назримухамедовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Лермонтов, хонаи 228 ба номи Бабамуратов Хамракул Тураевич, бинобар гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Муҳри ММИХФМ №15 ноҳияи Сино, РМА: 040006044, ки онро Ҳукумати Синои шаҳри Душанбе додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрести 5Д.402-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Ҳисор 08.07 соли 2007 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, кӯчаи 1 май, хонаи 21 ба Курбонов Сухайли Аброрович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрести 8.Д.2029, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Сино шаҳри Душанбе 18.06 соли 2009 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, Зарафшон 22м.- 6 утоқи 6 ва шиносномаи техникӣ ба Одинаева Нукрамо Давлатовна додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи муқаррар кардани иштироки ҳиссагӣ дар объекти молу мулки ғайри манқул, ки байни шаҳрванд Саидов Хайрулло Зайдович, истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Ризо, хонаи 24 ва ҶДМ ширкати Саноати куҳии Тоҷикистону Хитой аз 26.06 соли 2009, ки дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонӣ таҳти феҳрести 2Ш-138 ба расмият дароварда шудааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи туҳфаи хонаи истиқоматии литери 1с1 таҳти феҳрести 1Ш-838, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи И. Сомонӣ 28.10 соли 2009 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Фирӯз, хонаи 41 ба Мирханов Шавкат Музафарович додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ва Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрести рақами 6Д-6701-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии дуюми шаҳри Душанбе 18.09 соли 1992 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Фирдавсӣ, хонаи 25/1, ҳуҷраи 22 ба Шобадалов Абдусами Абдулович додааст, беэътибор дониста шавад.


► Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин дараҷаи А006129, ки аз 11-уми январи соли 2001 бо суроғаи шаҳри Истаравшан, деҳаи Қалъачаи Бакавул, мансуб ба Қурбонов Мирзо мебошад, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ таҳти феҳрести 3419 аз 21-уми июни соли 2019 ва шартномаи ҳадя №8Ш-1624 аз 14.05 соли 2019 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Панҷрӯд, хонаи 97 ба номи Усмонов Маҳмадали Саидалиевич бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Патенти сооибкори инфиродӣ ба номи Раимова Салима Апатовна, №0105836, РЯМ: 3330045373, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҷ. Балхӣ 29.03 соли 2014 додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХУРАД

► Иқтибос оид ба қайди баҳисобгирии Филиали иттиҳодияи ҷамъиятии "Ассотсиатсияи Шоҳигарии Нидерланд оид ба пешгирӣ ва назорати сил" (KNCV) (Кей Эн Си Ви), рақами қайди 139 Ф/Н, ВАТҶ №00003111, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят муддати ду моҳ қабул карда мешаванд.



Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Беҳтар аст, агар дар ин рӯзҳо касе асаби шуморо хароб насозад. Дар ҷои кор низ ба ҳар кори майда-чӯйда диққати хоса дода, эрод мегиред. Рӯзҳои истироҳат ягон кори нотамом намемонад, вале нақшаҳоятон баногаҳ метавонанд тағйир ёбанд.



Савр
21.04 - 21.05

Вақти истироҳат ва барқарорсозии саломатиятон фаро расидааст. Ба садои қалб гӯш андохта, бе ягон сабаб таваккал накунед, зеро аввали ҳафта эҳтимоли ба ғалат рох додану чизеро гум карданатон дар назар аст. Харидҳоятон бобарор анҷом ёфта, мушкилоти рӯзгорро рафъ месозед.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Бо вуҷуди он, ки тамоми атрофиён дар фикри пайдо намудани лаҳзаи истироҳат мешаванд, шумо тамоми фикру андешаи худро ба масъалаҳои корӣ равона месозед. Ҳар нақшаву ният, ки дар ин ҳафта ба саратон меояд, маблағи хуб меорад.



Саратон
22.06 - 23.07

Нафаронӣ дар бурҷи саратон тавлидёфта тамоми ҳафта дар фикри пешравии касбу кор мешаванд. Агар нафаре аз шумо қарздор бошад, вақте расидааст, ки қарзатонро баргардонида гиред. Эҳтимоли ба меҳмонӣ рафтанатон дар назар аст.



Асад
23.07 - 22.08

Ташвиши ногаҳонии дар хонаву ҷои коратон сарзада имкон намедиҳад, ки диққати худро ба масъалаҳои муҳимтар равона созед. Ҳангоми харид ва иҷрои корҳои хона ба кумаки аҳли оила такя намоед. Кумаку дастгирии шумо низ ба аҳли оила ҷасорат мебахшад.



Сумбула
23.08 - 22.09

Нафаронӣ дар мучали сунбула тавлидёфта худро хаста кардан намехоҳанд ва бештар бо дӯстон вақт гузаронидан мехоҳанд. Барои маъракаву дилхушиҳо вақт наметёбед, вале уҳдадориҳои оилавиро ҳатман ба анҷом мерасонед.



Мизон
25.09 - 22.10

Кореро ба анҷом мерасонед, ки кайҳо боз аз уҳдааш баромада наметавонистед. Аз натиҷаи заҳмати худ фахр мекунед, вале барои меҳнати кардаатон маблағи иловагӣ талаб карданро фаромӯш насозед. Ташвиши оилавиятон дар ин шабу рӯз зиёд мегардад.



Ақраб
23.10 - 22.11

Барои рафъ намудани камбудиву мушкилоти рӯзгор тамоми кори аз дастатон меомадаро мекунед. Ба мушкилоти наздикони худ диққати хоса диҳед. Нафаре аз наздикон ба кумаки шумо ниёз дорад. Тамоми ҳафта серкор мешавед, вале маблағи хуб ба даст меоред.



Қавс
25.11 - 21.12

Тамоми ҳодисаву рӯйдоди дар ин ҳафта сарзадаро ба фоидаи худ истифода бурда метавонед. Баъзан одати худбоварӣ ва иззатталабӣ дар лаҳзаҳои душвор кумак мерасонанд. Маблағи хуби пулиро аз ҷое ба даст меоред, ки қаблан роҳу воситаи пулкоркуниро санҷида дида будед.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.01

Дар ин ҳафта ба мушкиливу камбудиҳои дигарон кордор нашавед, вагарна ба ҷои ду нафар кор карданатон лозим меояд. Дар рӯзҳои истироҳат нақшаи ба тартиб овардани хонаву дарро кашида, ҳамзамон фикри истироҳати худро кунед.



Далв
21.01 - 19.02

Зиндагии шахсӣ ва муҳаббати ногаҳонӣ ҳушу хаёлатонро чунон банд месозад, ки мушкилоти ҷиддиро пай намебаред. Чунин сабукфикрӣ метавонад бар зарари шумо бошад, хусусан агар ғалату камбудиҳои зиёд мавҷуд бошанд.



Ҳут
20.02 - 20.03

Барои нафароне, ки мушкилоти рӯзгор ва молӣ доранд, ҳафтаи хуб фаро мерасад. Нафарони воломақом аз ҷиҳати молиявӣ дастгирӣ мекунанд. Серкорӣ ба саломатиятон бетаъсир наметонад. Бар замми ин, муносибатҳоятон бо наздикон вайрон мегардад.



ДИАБЕТИ ҚАНД
3 усули халқии табобат

Бемории диабети қанд яке аз бемориҳоест, ки мутаассифона, дар ҷомеаи мо теъдоди гирифторони он зиёд мешавад. Вале диабети қанд шудан охири кор нест. Инсон метавонад бо ин беморӣ ба осонӣ мубориза барад.

Барои он ки қанди хунатон аз ҳад зиёд боло рафта, ҳоли шуморо табоҳ насозад, бояд се шартро ҳатман риоя намоед. Қабл аз ҳама, кӯшиш кунед, ки ғамро аз дил берун намуда, ҳамеша асабҳоятонро ором нигоҳ доред. Шарти дувум - ин риоя намудани парҳез мебошад. Шумо бояд аз хӯрдани ширинихо, нони сафед ва ғизоҳои равғанӣ худдорӣ намоед. Шарти савум табобати пайваста аст. Табиби мардумӣ Садриддин-шоҳи Насриддиншоҳ се давои содаро ба шумо тавсия медиҳад:



1. 100 гр тухми ҷавро дар зарфе андозед ва аз болояш як литр оби ҷӯшидагӣ резед. Даҳони зарфро маҳкам кунед ва бигзоред ду шабонарӯз истад. Рӯзи сеюм дору тайёр мешавад. Рӯзе 3-4 бор аз ин даво якистаконӣ бинӯшед, беҳбудии комилро эҳсос хоҳед кард.

2. Барги тути сиёҳ барои гирифторони диабети қанд ва касоне, ки гурдаашон иллат дорад, давои хубест. 40 гр барги тут, 20 гр барги газна ва 40 гр пӯсти лӯбиёро дар зарфе андозед ва аз болояш ним литр об рехта, муддати 10 дақиқа бичӯшонед. Пас аз ин оташро хомӯш кунед ва монед ним соат ё як соат истад, баъдан даворо полонда, рӯзе 2 маротиба 50-100-граммӣ нӯши ҷон созед.

3. Барги бихӣ, барги чормағз, барги газна ва барги мушхорро ба андозаи баробар гирифта, хушк кунед ва кафмол намуда, омехта созед. Ду қошуқашро дар ним литр об ҳамагӣ ду се-дақиқа ҷӯшонида, оташро хомӯш намоед. Тахминан ним соат пас даворо аз дока полонед ва рӯзе 3 маротиба 50-граммӣ бинӯшед. Саломат бошед!

КАРАМ - ДАВОИ ПАНКРЕАТИТ

Карам барои саломатии инсон фоидаи калон дорад. Дар таркиби он қанд, кислотаҳои органикӣ, витаминҳо (С, Р, В, В2, РР, К, Е) ва каротин, пантотен ва кислотаи фолий, равған, ферментҳо, калий, калтсий, йод, марганес, оҳан ва намакҳои дигар элементҳо ҳаст.

Барги карами резакардаро ба сӯхтаҳо, ҷойи хунукзада, захмҳои пӯст компресс кунанд, шифо ёфтани захмҳоро метезонад.

Пайвасткунакҳое, ки дар карам ҳаст, фаъолияти рӯдаҳоро беҳтар, организмро аз токсинҳо ва холестеринҳои гуногун тоза мекунад ва дар рӯдаҳо микрофлораи судмандро ташкил медиҳад.

Нӯшидани шарбати карам метавонад панкреатит, захми меъда, гастрит, холетсистит, пиэлонефрити музминро табобат кунад.

Барои кам кардани миқдори шакар дар хун, ба шарбати карам оби ширгарм илова кунед ва ним соат пеш аз хӯрок чоряк истакон нӯшед.

Ҳангоми зардпарвин, қабзият, гастрит, дисбактериоз ва хастагии доимӣ нӯшидани шарбати карам тавсия дода мешавад.

Нӯшидани шарбати карам барои рафъи доғҳои рӯй кумак мекунад.



ЧАРО ДАНДОНҲОИ КӮДАК МЕПӮСАНД?

Духтарам нав 10-сола шудааст, вале ягон дандони сиҳат надорад. Тамоми дандонҳояш пӯсида, сиёҳ шудаанд. Аллакай чанд дандонашро кандем. Барои пешгирӣ чӣ тавсия медиҳед?

ГУЛНИГОР, шаҳри Ҳисор

- Пӯсидану афтодани дандонҳо ба бисёр омилҳо вобастагӣ дорад. Тартиби хӯрокхӯриро риоя накардан, норасоии витаминҳо, дандонҳоро ҳар рӯз субҳу шом нашустан, тез-тез ва бисёр ширинӣ хӯрдан боиси пӯсидану афтодани дандонҳо мегардад. Як қатор бемориҳо, аз ҷумла хурӯсак ва обаки дандон низ метавонад касро бармаҳал аз дандонҳо маҳрум созад. Барои он, ки дандонҳо солиму бардам монанд, таомҳои хамириро камтар хӯрда, бештар хӯрокеро истеъмол намудан лозим аст, ки дар таркибаш фосфор ва калсий дошта бошад. Ҳанӯз ҳам дер нашудааст, духтаратонро ба назди ягон духтури хубӣ дандон бурда, аз пайи табобат шавед.

НИМ АСР БО ПАНҶАКЕНТИ ҚАДИМ

Панҷакенти қадим, ки онро Помпеи Шарқ низ мегӯянд, ёдгории нодир ва беназири таърихии ҷаҳон буда, дар омӯзишу пажуҳиши он олимони зиёди ватаниву хориҷӣ саҳм гузоштаанд. Бостоншиноси маъруфи тоҷик Исматулло Раҳматуллоев яке аз пажуҳандагони фидоии Панҷакенти қадим буда, беш аз ним асри умри хешро сарфи таҳқиқи ин ёдгорӣ кардааст.



Раҳматуллоев Исматулло 17-уми ноябри соли 1942 дар шаҳри Панҷакент, дар хонваодаи таърихшинос Раҳматулло Маҳмудов таваллуд шудааст. Рӯ ба таърих овардани ӯ аз як тараф идомаи касби падар бошад, аз ҷониби дигар таъсири муаррихон ва бостоншиносони бузург аст, ки аз кӯдакӣ ӯро иҳота карда буданд.

Соли 1946 А. Якубовский ҳафриётҳои бостоншиносиро дар Панҷакенти қадим оғоз намуд. Бостоншиносони номвар М. М. Дяконов, А. М. Белинитский низ ба ӯ пайвастанд. Макони зисти ин бостоншинсон то соли 1958 ҳавлии Раҳматулло Маҳмудов буд. Ҳамин тавр, Исматуллои хурдсол аз кӯдакӣ дар назди ин бостоншиносон ба воя расид ва бисёр вақт ҳамроҳашон ба маҳали ҳафриёт рафта, ба онҳо кумак мекард. Ҳамин буд, ки баъд аз хатми мактаби миёнаи умумии №1 ба номи И. В. Сталин ва хизмат дар сафи Артиши Шӯравӣ соли 1964 ба факултаи таърихи Донишкадаи педагогии Душанбе ба номи Т. Г. Шевченко дохил шуд.

Соли 1968, пас аз хатми донишкада ӯро ба Осорхонаи чумҳуриявии таърихӣ-кишваршиносии ба номи А. Рӯдакии шаҳри Панҷакент ба ҳайси ходими илмии шуъбаи бостоншиносӣ ба кор мефиристанд. Ҳамин тавр, сарнавишти ӯ ба археология пайваст. Соли 1969 ӯро ба вазифаи мудири шуъбаи археологияи осорхонаи зикршуда таъин карданд ва номбурда то соли 1982 ба ҳайси сардори гуруҳи археологӣ дар ҳафриёти Панҷакенти қадим ширкат кард ва ба дастовардҳои назаррасӣ илмӣ ноил гардид.

Натиҷаи ковишҳои бисёрсолаи худро бостоншинос Исматулло Раҳматуллоев дар рисолаи “Биноҳои истиқоматии шаҳристони Панҷакенти қадим асрҳои VII-VIII (дар асоси маводи объекти шаҳраки XXIII Панҷакенти қадим)” ҷамъбаст намуда, соли 2006 рисолаи номзадӣ дифоъ кард.

Таҳқиқоти Исматулло Раҳматуллоев дар омӯзиши Панҷакенти қадим аҳамияти калон дорад. Номбурда манзилҳои дар Панҷакент кашфшударо аз мавқеи памосотсиологӣ таҳқиқ намуда, сарҳади майдони васеъро, ки қалъаро бо маркази шаҳр мепайвандад, муайян намудааст. Кофтуковҳои чандинсола, ҳисобу мушоҳидаҳои такрорӣ имкон доданд, ки таърихи ҳар як манзил аз лаҳзаи сохта шудани деворҳои асосии ҳар як бино муайн шуда, манзараи конкретии ҳаёти ҷамъиятию маданӣ аз нав ба вуҷуд оварда шавад. Натиҷаи пажуҳишҳои Исматулло Раҳматуллоев дар 6 монография ва беш аз 50 мақолаи илмӣ ҷамъбаст гардидааст, аз ҷумла, “Экспедитсияи чустчӯйи оромгоҳи устод Рӯдакӣ” (Панҷакент, 2008), “Таърихи маҳаллаи истиқоматии шаҳри қадимаи Панҷакент асрҳои VII-VIII” (Душанбе, 2015), “Древний Пенджиккент. Краткое историко - археологическое, архитектурное обозрение” (Панҷакент, 2020. 200сах.), “Саразми бостон. Панҷакенти қадим ва навин” (Хуҷанд, 327 сах.) ва ғ.

Фаъолияти Исматулло Раҳматуллоев танҳо ба археология маҳдуд намешавад. Номбурда аз соли 2007 то ин замон ба ҳайси мудири кафедраи таърих, бостоншиносӣ ва мероси ниёгони факултаи таърихи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент фаъолият намуда, дар тарбияи муаррихон ва бостоншиносони ҷавон низ саҳм мегузорад.

Раҳматуллоев Исматулло, ки худ дар мактаби бузурги олимони бостоншинос камол ёфтааст, тавонист роҳи пуршарафи онҳоро бо сари баланд идома диҳад ва собит созад, ки мактаби бостоншиносии тоҷик ҳамеша дар минтақа пешқадам буд ва ҳаст.

Имрӯзҳо бостоншиноси шинохтаи тоҷик, корманди илмии Мамнуъгоҳи Панҷакенти қадими Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ, устоди Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент Исматулло Раҳматуллоев 80-сола мешаванд. Устодро ба ин санаи фархундаи умр табрик намуда, барояшон тансиҳатӣ ва дастовардҳои нави илмиро таманно мекунем.

Шоиста ИСМАТЗОДА,
ходими илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ

РОҲНАМО

(Ба ифтихори Иҷлосияи тақдирсоз)



Ҳукумат дар таги минбар,
Сиёсат дар паси чодар.
Парешон аскару афсар,
Ба ҳар ҷо дузду яғмогар.
Хатар дар ҳар қадам бештар,
Тамоми мулк бе сарвар.
Ба ҳар ҷо қатлу шӯру шар,
Фалак аз оҳи мардум кар.
Фирор аз хонаву аз дар,
Гуреза гаштаанд аксар.
Зи тарси қатли бедодгар,
Зи тарси кини иғвогар.
Тамоми сарзамин месӯхт,
Ва бояд чорае андӯхт.
Баромад аз миёни халқ,
Каломи сулҳ андар ҳалқ.
Ба мисли Рустами достон,
Ҳамин Эмомалӣ Раҳмон.
Каломи сулҳ бар лаб рафт,
Ба хоки кишвари афғон.
Каломи сулҳ бар лаб рафт,
Ба сӯи Маскаву Теҳрон.
Каломи сулҳ бар лаб,
Мардуми оворaро овард.
Каломи сулҳ бар лаб,
Модари дилпораро овард.
Каломи сулҳ бар лаб,
Тифлаки бечораро овард.
Каломи сулҳ бар лаб,
Тоҷикони пораро овард.
Ба амри Холиқи якто,
Бишуд бар миллаташ Пешво.
Бишуд ӯ ҷонфидои халқ,
Бишуд ӯ роҳнамои халқ.
Зиҳӣ, эй қаҳрамони халқ,
Мадори ҷисму ҷони халқ.
Зиҳӣ, шоҳаншаҳи даврон,
Зиҳӣ, Эмомалӣ Раҳмон!

Рачаб САИДӢ

Тақвими ТОҶИКИСТОН

17-УМИ НОЯБР

ҲАМДАМ АДУЛВОИТОВ (1952), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика ва математика.

АНАТОЛИЙ РУДОЙ (1912-2010), 110-солагии зодрӯзи иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ.

18-УМИ НОЯБР

БИЛОЛИ УСМОН (1957), 65-солагии зодрӯзи шоир, Корманди шоистаи илми Тоҷикистон.

РАҶАБ САИДӢ (1952), 70-солагии зодрӯзи шоир ва рӯзноманигор.

АҲМАД КАРИМОВ (1917-2004), 105-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

МУҲАММАДРАҶАБ САФАРОВ (1952), 70-солагии зодрӯзи журналист.

19-УМИ НОЯБР

ГУЛНОР УСМОНОВА (1972), 50-солагии зодрӯзи адиб ва журналист.

ТУРСУНМУРОД ОТАБОЕВ (1947), 75-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

20-УМИ НОЯБР

АБДУМАЛИК ВАЛИЕВ (1952), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

ҲОМИД НОРОВ (1947), 75-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, академик.

ҲОШИМБЕК АЛИЕВ (1952), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

САИДАҲМАД ЗУБАЙДОВ (1957), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

ВИТАЛИЙ ҲАЙДАРОВ (1952), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи таърих.

21-УМИ НОЯБР

ГАЛИНА СЕЛЕЗНЁВА (1932), 90-солагии зодрӯзи актрисаи театр ва кино, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

НАҶМУДДИНИ ШОҲИНБОД (1952), 70-солагии зодрӯзи адиб.

АВНЕР АМИНОВ (1927-1984), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

22-ЮМИ НОЯБР

САБЗА САРКОРОВ (1952), 70-солагии зодрӯзи генерал-майор.

ШОҲМИРЗО АҲМАДОВ (1917-1994), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи фалсафа.

ИСЛОМ КАМОЛОВ (1947), 75-солагии зодрӯзи мутриб, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

МАВЛУДА ЮНУСОВА (1947), 75-солагии зодрӯзи мутарҷим, олими соҳаи филология.

23-ЮМИ НОЯБР

ХОЛИСҶОН ТЕМУРҶОНОВ (1942), 80-солагии зодрӯзи технолог, дорандаи Ҷоизаи ба номи Сино.

ВИНЯМИН НЕДОШЕВЕН (1917-1991), 105-солагии зодрӯзи иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ.

ШАРИФ ИБРОҲИМОВ (1907-1977), 115-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

ЛУТФИЯ РАҶАБОВА (1962), 60-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физикаю математика, профессор.

Таҳияи С. ГУЛОВ, Н. БАҲРУЛЛО,
кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

ҶОМИ ҶАҲОНИИ ФУТБОЛ-2022 ДАР ҚАТАР ОҒОЗ МЕШАВАД



20-уми ноябр Ҷоми ҷаҳонии футбол-2022, ки дар Қатар баргузор мешавад, оғоз меёбад. То оғози мусобиқот камтар аз як ҳафта мондааст.

Дар марҳилаи гуруҳӣ 32 даста ба ҳашт гуруҳ тақсим шудаанд. Дастаҳои якум ва дуюми ҳар гуруҳ ба даври 1/8-ниҳоии мусобиқот роҳ меёбанд.

Бозиҳои даври 1/8-финалӣ аз 3 то 6-уми декабр баргузор мешаванд.

Бозиҳои чорякфинал рӯзҳои 9 ва 10-уми декабр баргузор мешаванд.

Бозиҳои нимниҳоӣ рӯзҳои 13 ва 14-уми декабр, бозӣ барои ҷойи сеюм 17-уми декабр дар назар аст.

Вохӯрии ниҳоӣ 18-уми декабр дар варзишгоҳи Лусаил баргузор мешавад.

Дастаҳои ширкаткунандаи Ҷоми ҷаҳонии 2022 инҳоянд:

Гуруҳи A: Қатар, Эквадор, Сенегал, Нидерланд.

Гуруҳи «B»: Англия, Эрон, ИМА, Уэлс.

Гуруҳи C: Аргентина, Арабистони Саудӣ, Мексика, Полша.

Гуруҳи D: Фаронса, Австралия, Дания, Тунис.

Гуруҳи E: Испания, Коста-Рика, Олмон, Ҷопон.

Гуруҳи F: Белгия, Канада, Марокаш, Хорватия.

Гуруҳи G: Бразилия, Сербия, Швейтсария, Камерун.

Гуруҳи H: Португалия, Гана, Уругвай, Ҷумҳурии Корея.

МАРҲИЛАИ ГУРУҲӢ

20-уми ноябр, якшанбе
Гуруҳи A: Қатар - Эквадор - 21:00

21-уми ноябр, душанбе
Гуруҳи B: Англия - Эрон - 18:00
Гуруҳи A: Сенегал - Голландия - 21:00
Гуруҳи B: ИМА - Уэлс - 00:00

22-юми ноябр, сешанбе
Гуруҳи C: Аргентина - Арабистони Саудӣ - 15:00
Гуруҳи D: Дания - Тунис - 18:00
Гуруҳи C: Мексика - Полша - 21:00
Гуруҳи D: Фаронса - Австралия - 00:00

23-юми ноябр, чоршанбе
Гуруҳи F: Марокаш - Хорватия - 15:00
Гуруҳи E: Олмон - Ҷопон - 18:00
Гуруҳи E: Испания - Коста-Рика - 21:00
Гуруҳи F: Белгия - Канада - 00:00

24-уми ноябр, панҷшанбе
Гуруҳи G: Швейтсария - Камерун - 15:00
Гуруҳи H: Уругвай - Кореяи Ҷанубӣ - 18:00
Гуруҳи H: Португалия - Гана - 21:00
Гуруҳи G: Бразилия - Сербия - 00:00

25-уми ноябр, ҷумъа
Гуруҳи B: Уэлс - Эрон - 15:00
Гуруҳи A: Қатар - Сенегал - 18:00
Гуруҳи A: Нидерланд - Эквадор - 21:00
Гуруҳи B: Англия - ИМА - 00:00

26-уми ноябр, шанбе
Гуруҳи D: Тунис - Австралия - 15:00
Гуруҳи C: Полша - Арабистони Саудӣ - 18:00
Гуруҳи D: Фаронса - Дания - 21:00
Гуруҳи C: Аргентина - Мексика - 00:00

27-уми ноябр, якшанбе
Гуруҳи E: Ҷопон - Коста-Рика - 15:00
Гуруҳи F: Белгия - Марокаш - 18:00
Гуруҳи F: Хорватия - Канада - 21:00
Гуруҳи E: Испания - Олмон - 00:00

28-уми ноябр, Душанбе
Гуруҳи G: Камерун - Сербия - 15:00
Гуруҳи H: Кореяи Ҷанубӣ - Гана - 18:00
Гуруҳи G: Бразилия - Швейтсария - 21:00
Гуруҳи H: Португалия - Уругвай - 00:00

29-уми ноябр, сешанбе
Гуруҳи A: Эквадор - Сенегал - 20:00
Гуруҳи A: Нидерланд - Қатар - 20:00
Гуруҳи B: Эрон - ИМА - 00:00
Гуруҳи B: Уэлс - Англия - 00:00

30-юми ноябр, чоршанбе
Гуруҳи D: Австралия - Дания - 20:00
Гуруҳи D: Тунис - Фаронса - 20:00
Гуруҳи C: Арабистони Саудӣ - Мексика - 00:00
Гуруҳи C: Полша - Аргентина - 00:00

1-уми декабр, Панҷшанбе
Гуруҳи F: Канада - Марокаш - 20:00
Гуруҳи F: Хорватия - Белгия - 20:00
Гуруҳи E: Коста-Рика - Олмон - 00:00
Гуруҳи E: Ҷопон - Испания - 00:00

2-юми декабр, ҷумъа
Гуруҳи H: Гана - Уругвай - 20:00
Гуруҳи H: Кореяи Ҷанубӣ - Португалия - 20:00
Гуруҳи G: Сербия - Швейтсария - 00:00
Гуруҳи G: Камерун - Бразилия - 00:00

1/8 финал
3-6-уми декабр

1/4 финал
9-10-уми декабр

1/2 финал
13-14-уми декабр

Бозии барои ҷойи сеюм
17-уми декабр

Финал
18-уми декабр

РЕЗААХБОР

14-уми ноябр дар КМОТ ҷаласаи ғайринавбатии интихоботии Федератсияи бокси Тоҷикистон баргузор шуд. Дар ҷаласа истеъфои президенти федератсия Бег Сабур тасдиқ гардида, номзадии Мирзоалӣ Комил Ҷумахон ба ҳайси президенти нави Федератсияи бокси Тоҷикистон пешбарӣ ва аз ҷониби аъзои федератсия интихоб шуд.

***

9-уми ноябр ноиби президенти Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон Дилшод Назаров бо президенти Федератсияи завракронии слаломи Русия Сергей Папуш мулоқот кард. Ҷонибҳо барои баргузор намудани як мусобиқаи байналмилалии завракронии слалом дар арафаи ҷашни Наврӯз дар Тоҷикистон ба мувофиқа расиданд.

***

Дар чемпионати Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ (CAFA) байни дастаҳои наврасони то 14-сола, ки дар шаҳри Ҳисор ҷараён дорад, бозиҳои даври сеюм баргузор шуданд, ки дар натиҷа дастаҳои Тоҷикистону Афғонистон шашимтиёзӣ ба даст оварда, садри ҷадвалро ишғол карданд.

***

Рӯзҳои шанбе ва якшанбеи 12 ва 13-уми ноябр дар мачмаи варзишии Кумитаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе ду бозии аввали силсилаи ниҳоии Суперлигаи футзал-2022 баргузор шуданд, ки дар онҳо клубҳои пойтахт - «Соро компания» ва «Истиқлол» воҳӯрданд.

С 16 по 25 ноября 2022 года на платформе “CCPIT Exhibition Cloud Platform” проходит Международная торговая цифровая онлайн выставка ШОС 2022.

Среди участников более 800 высококлассных компаний из Китая и членов ШОС. В рамках выставки представлены: строительные материалы, металлические инструменты, медицинские профилактические средства, текстильная продукция, автозапчасти, инженерная техника, хозяйственные товары, медиа проекты.

Принять участие и провести переговоры с производителями товаров можно по ссылке

https://scotrade.ccpit-expo.com

Для проведения выставки был построен

специальный район в Китае «Демострация китайских брендов».



ШАКАРХАНД

Нурофен

Зан ба духтур занг мезанад:

- Духтурҷон, шавҳарам нофаҳмида, «Нурофен» хӯрдааст, чӣ кор кунам?

- Дар хона проблема доред?,- мепурсад духтур.

- Албатта. Кӯдакон либоси зимистона надоранд, аз мактаб ҳам қарздорем, яхдон низ холӣ...

- Шуд, фаҳмо. Расо 45 дақиқа дар ҳамин бора гап занед, сари шавҳаратон, ки ба дард даромад, таблетка ҳайф намешавад.

Вақтгузаронӣ

Набера аз бибӣ мепурсад:

- Бибӣ, дар вақти шумо на барқ буду на интернет, чӣ гуна вақтгузаронӣ мекардед?

Бибӣ дар ҷавоб:

- Охир, намебинӣ, ки 10 амак дориву 10 амма!?

Вазифаи хонагӣ

Муаллим аз талаба мепурсад:

- Иброҳим, росташро гӯй, вазифаи хонагиатро кӣ ичро кард?

Иброҳим дар ҷавоб:

- Росташро гӯям, Лола Азимовна, худам ҳам намедонам, ман хоб будам.

Ислоҳ

Модар аз писараш мепурсад:

- Алишер, ту баҳои 2-и гирифтаатро аз фанни математика кай ислоҳ мекунӣ?

Алишер дар ҷавоб:

- Намедонам оча, муаллима журнали синфро пайваста бо худ мегардонад.

Зараровар

Зани фарбеҳе ба назди духтур рафта, мегӯяд:

- Доктор, дилам ягон чизи равғанину зараровар мекашад.

Доктор дар ҷавоб:

- Сардухтури моро хӯред.

Бӯса

Ҷавоне ба дӯстдоштааш мегӯяд:

- Зебо, биё бозии рустшавакон мекунем. Ман туро мечӯям, агар ёфтам, як бӯса мекунам.

Зебо мегӯяд:

- Ман розӣ. Агар маро наёфтӣ, ман дар пушти ҳо ана ҳамон арча пинҳон мешавам.

Саволи бибӣ

Кӯдаке аз падараш мепурсад:

- Дада, бибиям магар ақлашонро хӯрдаанд?

Падар мегӯяд:

- Бибияшро ин тавр нагӯ!

Кӯдак мегӯяд:

- Охир, ҳар дафъае, ки ба наздаш меравам, он кас мепурсанд: «Ин бачаи кӣ бошад, ба назди ман омадааст...».

Тасдиқ мекунам


Пиразане ба назди терминали маблағгузаронӣ рафта, суратҳисоби телефонашро пур кардан мехоҳад. Вақте пулро ба пулқабулкунак ворид месозад, аз терминал садо меояд:

- Рақами телефонатонро тасдиқ намоед.

Ин дам пиразан хам шуда, даҳонашро ба сурохии пулқабулкунак наздик бурда, мегӯяд:

- Тасдиқ мекунам.

Таҳияи Нодира РАҶАБОВА





ПУРСЕД, ҶАВОБ МЕДИҲАНД!

ҶОИЗАИ РУСТАМИ ЭМОМАЛИРО КӢ МЕГИРАД?

Шаҳрдори Душанбе Рустами Эмомалӣ барои ҷавонон ҷоиза таъсис додааст. Ин ҷоизаро чӣ касоне мегиранд?

РОДМЕҲР, шаҳри Хуҷанд

- Аз шаҳрдорӣ ин хабарро тасдиқ карда, гуфтанд, ки Ҷоизаи раиси шаҳри Душанбе барои муҳаққиқони ҷавон таъсис дода шудааст.

"Ҷоизаи навтаъсис, ки аз ҷониби Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ қарори он имзо шуд, барои муҳаққиқони ҷавон дар самти илмҳои дақиқ, адабиёт, рӯзноманигорӣ, санъат, меъморӣ, техникаву технология ва инноватсияву ихтироъкорӣ пешбинӣ гардидааст",- хабар дод манбаъ.

Рустами Эмомалӣ ҳамчунин низомнома ва ҳайати комиссияи ҷоизаи раиси шаҳри Душанбе барои муҳаққиқони ҷавонро тасдиқ кардааст.

Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши пойтахт ҳамоҳангсози амалигардонии ҷоизаҳои раиси шаҳри Душанбе барои муҳаққиқони ҷавон дар самтҳои зикргардида муайян карда шудааст.

Сарчашмаи пардохти ҷоизапулӣ аз ҳисоби маблағҳои "Барномаи рушди иҷтимоии ҷавонон дар шаҳри Душанбе дар солҳои 2022-2026" нишон дода шуда, таъкид гардидааст, ки минбаъд ин масъала дар доираи нақшаи чорабиниҳои шаҳрдорӣ ба инобат гирифта мешавад.

БО «ТОҶИКИСТОН» БОШ, БОХАБАР АЗ ҶАҲОН БОШ!

Ба ҳафтаномаи «Тоҷикистон» барои соли 2023 обунашавӣ идома дорад.

Ҳафтаномаи «Тоҷикистон» аз соли 1992 нашр гардида, мунтазам ҳафтае як маротиба ҳар рӯзи панҷшанбе чоп мешавад ва сари вакт дастраси хонандагон мегардад.

Обуна ба ҳафтаномаи «Тоҷикистон» солона буда, аз тарафи идораи ҳафтанома ва дар ҳама муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳо қабул карда мешавад.



Индекси обуна: 68854.

С/ҳ 20202972400015101000
ҳ/м 20402972316264
БИК 350101626
РМА 030000603
БДА ҶТ «Амонатбонк»-и ш. Душанбе.

Нишонии ҳафтаномаи «Тоҷикистон»: ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16, ошёнаи 11.

Телефонҳо барои маълумот:
93-866-82-64, 918-66-82-64.